**АБДУЛҚОДИРИ РАҲИМ**

# *ДОМОНИ АБР*

Душанбе
«Адиб»
2014

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-5
Р-56

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Р-56 **Абдулқодири Раҳим. Домони абр** *(маҷмӯаи шеърҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2014, 128 саҳ.

«Домони абр» аз шеърҳои тозаэҷоди шоири хушбаён Абдуқодири Раҳим мураттаб гардида, аз ишқу муҳаббат, Ватандӯстиву садоқат ва некию накӯкорӣ ҳикоят мекунад.

ISBN 978-99947-2-397-3

© Нашриёти «Адиб», 2014

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ОМАДАМ ДАРРО ЗАДАМ…

Омадам дарро задам, дар лаҳзае
Модарам овоз дод аз равзае:
Боз гард, он ҷо бимурда хоҳарат,
Бешараф хонда туро ҳам ҳавзае.

Гӯшам андак бо шунидан рӯй кард,
Он суханро чун димоғам бӯй кард.
Чашм бикшодам, бидидам дарзамон,
Бо гумон фарзанд сарро гӯй кард.

Дилбари пурноз гулро бингарист.
Гуфт: О ваҳ, ин қиёматҳо зи чист?
Ман талабгорат шудам гар рӯзу шаб,
Ин дари бехона баргӯ, ки зи кист?

Не забоне, ки ҷавобе оварад,
Не ҳам он пое, шитобе оварад.
Не яке дасте, ки гирад даст боз,
Не яқине, ки савобе оварад.

Хонаам дар зери борон об шуд,
Рӯз пушти ҳасрати маҳтоб шуд.
Ҳолатам афсурдагиамро шинохт,
Қиссагӯи олами симоб шуд.

Доду фарёди чудоӣ мегурехт,
Рӯйи аспе ошноӣ мегурехт.
Дафтари бикшода пур аз оташе
То вафову бевафоӣ мегурехт.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар кушодам, дар кушодам он ҳабиб,
Бо адаб хондам ба сӯи худ адиб.
Узри дарди як-ду сад солам набуд,
Бо даво омад, даво омад табиб.

Лек диданду надидандам даме,
Ман, ки рафтам, ман, ки рафтам аз ғаме.
Ин на рафтан то ба сӯи офтоб,
Ё ки тобидан ба сони шабнаме.

Гиря ҳам бар асли аслам кай барад,
Аз ғарибиам кӣ имшаб мехарад?
Фаҳм кардам, ки шикаста худ қафас,
Лек мурғам то куҷоҳо мепарад?

## ИМШАБ МАРО ЁДИ ТУ НЕСТ

Боз гард, имшаб маро ёди ту нест,
Ришта –ришта саҳми фарёди ту нест.
Рӯи санге гар нишастӣ, мулк бин,
Чун ба фардо вақти иршоди ту нест.

Номаҳоямро ба оташ дарфикан,
Бигзар аз андешаҳои мову ман.
Бе гули рӯи азизат хор гард,
Лоиқат н-омад зи бас байтулҳазан.

Не падар, ки бо дуояш бингарӣ
Он залилиҳои чоҳу сарварӣ,
Не дигар модар, бибахшад ширро,
То ба ранги зард бинӣ заргарӣ.

Фитна меояд сурогат рӯзу шаб,
Рақси ҷонатро бигирйӣ аз тараб.
Пушти фарзандон як оҳи зор монд,
Не димоғе, хуш кунӣ аз ин насаб.

Чор сӯят сӯи абру лола аст,
Дар умедат раъду барқу жола аст.
Як ҷигар бахшӣ, ки не дудаш бувад,
Як диле, ки не ба ғам паркола аст.

Ашки ранҷурию тобистони дард?
Оҳи берабтию бозиҳои гард?
Хуни берангию ҷанги сарди сард?
Роҳи ин майдону аспу марди мард?

Не суроғам гиру не ёдам бикун,
Не ба зикри рафтаҳо шодам бикун.
Не аз ин ғамҳо, ки дар бандаш шудам,
Бо нигоҳи ханда озодам бикун.

Ҳасратам афсона рангин мекунад,
Як гуле чида, ки Мочин мекунад.
Осмон аз шикваат пур гаштааст,
То ки анҷоме ба Парвин мекунад.

Бе ману ман ҳам бирав бо худ бисоз,
Не ба оҳанги муғаннӣ, не ба соз.
Чанд охир аз фиребат меравӣ?
Чанд дунёро бинозӣ ҳам ба ноз?!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ГУФТУГӮ

Шаб ба базми нокасон афтодаӣ,
То чи дур аз ҷони ҷон афтодаӣ,
Чашмат аз дидори маҳ нуре нахост,
Чун нагӯям з-осмон афтодаӣ?

Нардбонат то вафо боло набурд,
Мавҷат аз афсонаи дарё набурд.
Ошиқи ҳамён шудию ганҷи зар,
Зар, аҷаб, ки бар дили дунё набурд.

Роҳ бо ҳасрат ба роҳаш хуфтааст,
Коҳ бо пушту паноҳаш хуфтааст.
Он савобе, ки ба чашмат гул намуд,
Хор гашта дар гуноҳаш хуфтааст.

Шарм меояд, ки қанду нон барад,
Гарм меояд, ки хону мон барад.
Садҳазорон фитна пешопеши ӯст,
Нарм меояд, ки сахт ин ҷон барад.

Не қалам бар доду додат мерасад,
Не алам бар зоду зодат мерасад.
Ҳайрате дар хирмани бедонагист,
Не адам бар боду бодат мерасад.

То куҷо бишкастани аҳду вафо?
То куҷо пайвастани ҷабру ҷафо?
Пеши пои худ намебинию бин,
То куҷо бигсастани хавфу риҷо?

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Не ман он ёре, ки ёрият кунам,
Не ман он зоре, ки зорият кунам.
Не ман он гул, ки бихандам рӯ ба рӯ,
Не ман он хоре, ки хорият кунам.

Аз ту ман бечоратар дар мулки ӯ,
Аз ту ман оворатар дар мулки ӯ.
Он ғарибеам, ки меоям ғариб,
Аз ту ман бекоратар дар мулки ӯ.

Пешпоӣ хӯрдаам дар ҳар қадам,
Сад алам мебинам аз ҳар як алам.
Кай тавон гуфтан сазоям медиҳад?
Ё ки аз мо мерасад бар мо ситам.

Инчунин як рӯзгоре шуд насиб,
Инчунин як дард омад бе табиб.
Инчунин як фурсате ҳам рафт, рафт,
Бе яке фикру яке зикри ҳабиб.

Даст не, то даст бар боло кунем,
Ё ки базми дигаре барпо кунем.
Не яке андеша, аз худ бигзарем,
Такя аз имрӯз бар фардо кунем.

## МУШТАРӢ БАНД АСТ…

Бурдамат аз ёд имшаб, муштарӣ,
То чи роҳеро ба ғурбат биспарӣ.
Бишканӣ ойинаи искандарӣ,
Ҳуснро берун барӣ аз дилбарӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

«Муштарӣ банд аст» гуфтандам басе,
Шарҳ додам, нест дар хона касе.
Фаҳм пинҳон аст, ку он дилрасе,
То диҳад овоз ҳам аз маҳбасе.

Аз гирифторони олам гаштаем,
Банд-банди хешро хуш риштаем.
Номаро н-аз хуни дил бинвиштаем,
Дар замин не тухми меҳре киштаем.

Даст дода раҳрави овораро,
Ханда бинмуда дусад истораро.
Бурда аз ёди ҷаҳон ҳам чораро,
Ҷилвае бахшида санги хораро.

Рӯз аз тири ҳаводис бехабар,
Хоҷаро дида асар андар асар.
Кӯҳро кохе шумурда дар камар,
Не ба маънӣ, эй раҳида аз хатар.

Бод дарро мезанад, не дар, на бод,
Ҳам нагӯӣ: ҳарчи бодову мабод.
Ғам ба шодиҳо надида рӯи шод,
То биёмӯзад туро аз зикру ёд.

Достонат ҳам нашуд аз ростон,
Осмонат ҳам нашуд аз остон.
Нав надидиву зи куҳна ку нишон?
То яке узре ҳарӣ аз бостон.

Мезанӣ лофи муҳаббат гӯиё,
Дар биёбонҳои дури бесадо.
Най шикасту ёфт поён моҷаро?
Бенаво гашта набишносӣ наво?

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гар на он хуршедро ҳамсоянӣ,
Аз чӣ дур аз сояиву соянӣ?
Поя-поя не ҳам андар поянӣ,
Дур аз як лутфу бас сармоянӣ.

Муштарӣ, бандию озодӣ куҷост?
Ин гирифторӣ ба сад маънӣ чарост?
Худ чӣ марде андар ин раҳ пешвост?
Ки на ёд ӯро зи дунёву Худост.

Бурдамат аз ёд имшаб, муштарӣ,
Бо ситоиш, бо ситоишгустарӣ.
Дар вафову аҳду роҳу раҳбарӣ,
Расмҳои бандагиву сарварӣ.

## ТАЪНА БАР ХУД МЕЗАНАМ…

Эй сари бечорагиам зери хок,
Фитнаро бурдӣ ба Ҳиндустони пок.
Хонаат пур бод аз гандум, бубин,
Нолаҳову гиряи як синачок.

Рӯзи аввал шуъларо бурдӣ зи ёд,
Баъди соле хирманам додӣ ба бод,
Қисса-қисса рафта ҳам аз хеш дур,
То ба пои дор ориям ба дод.

Модарат овоз дод аз дилбарӣ,
Ҳам падар аз равзаҳои сарварӣ,
Чашм бикшо, роҳаке ҳамвор нест,
Ҳеҷ кас худро накарда раҳбарӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бо яке гӯши гарон дар хандаӣ,
То ки банди меҳрро хуш кандаӣ.
Зиндабодат зулмро рӯшан намуд,
Офтобӣ дар гумон, тобандаӣ.

Дафтаратро, гавҳаратро об бурд,
Обрӯятро шаби маҳтоб бурд.
Меравӣ, сарро ба ҳар дар мезанӣ,
Маънии пӯшидаро симоб бурд.

Пухтагиро бод сангин мекунад,
Кори расм аз рӯи ойин мекунад.
То наёмӯзӣ зи талхии сабақ,
Гӯйи сабқат бурда ширин мекунад.

Таъна бар худ мезанам, не бар касе,
Кас касе бошад, ман он кам аз хасе.
Пушти ҳарфам об мегардам зи шарм,
Рӯбарӯям чун шавад маънирасе?

Он бади бад ҳам зи ман болотар аст,
Бо салоҳ аз меҳр рӯи минбар аст.
Бахт гул бахшад, ки ӯ худ гул кунад,
Гарчи ин радду бадалҳо музмар аст.

Марг механдад ба ҳоли зори ман,
То намебинад якеро ёри ман.
Фурсати кам з-он бибахшидам, ки дид
Ҳоҷати бисёру бас бисёри ман.

Эй сари бечорагиам зери хок,
Не маро як зарра тарс асту на бок.
Пештар з-ангур мастӣ мекунам,
То набурдам раҳ ба печишҳои ток.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сарҳисобамро намудам гум зи худ,
Аз чӣ бишморӣ раҳи рафтан чӣ буд?
Пераҳан бидридаам, бӯе бибар,
Хира гардидан чаро дар тору пуд?

## ДАР ОСТОНИ ПУШАЙМОНӢ

Дастам бигир аз баҳри худ ё баҳри дунёи данӣ,
То чанд хунрезӣ бигӯ, то чанд ин ҷонканданӣ?
Не ҳарфат аз маънӣ пур аст, не маъние аз ҳарф пур,
То гиру доре мекунӣ, фурсат равад аз растанӣ.

Бӯи муҳаббат мерасад аз чор сӯи ҷони мо,
Ин пасту болоро мабин, ғарра машав бар хони мо.
Гавҳар агар гум кардаӣ ё ҳам зару зевар яқин,
Дар пуштаву пуштат биҷӯ, чун нест андар кони мо.

Хуршед андар ханда шуд, к -ин банда аз нав банда шуд,
Маҳ нимашаб андар само з-ин ҳолҳо шарманда шуд.
Сад сол роҳи селро бигрифта буд аз лутфи худ,
Сарбанд аз сад банди худ охир ба як дам канда шуд.

Ҳам фикру зикрат шуд тамом, ҳам рехт хок аз рӯи бом,
Рафтӣ ба зиндони бало аз ҳасрате бо бӯи ном.
Не даст, қуфле бишканӣ, не оҳ, бар боло равад,
То дар кушояд дар замон, гӯяд бирав бар сӯи Шом.

Нахли вафои дӯстон моро самар овардааст,
Аз меҳру нози дилбарӣ ин гаҳ асар овардааст.
Аммо чӣ сон бовар кунам, аз гуфтаи дарбони вақт,
Марди гадое пушти дар чашмони тар овардааст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Не най шикастӣ, не сало, не рафтаӣ бар Карбало,
Бар бенавоӣ тан мадеҳ, бигрез охир аз бало.
Ҳар дам ишорат мекунад маҳбуб –чашме баркушо,
Яъне ки инсӯтар биё оҳиставу ҳам бесадо.

Гар нашнавӣ аз мову Ҳақ ҳарфи вафову ростӣ,
Пас не ҳамонӣ, ки ба чашм имрӯз худ пайдостӣ.
З-оғоз ҳам бибридаӣ, ёри дигар бигзидаӣ?
Ё ки намедонӣ чаро, ҳам бар кӣ бас шайдостӣ?!

## ЯК ХАТИ ФАРЁДУ ИМДОД…

Аз гумон рафтам ба гирдоби бало
Бо гаронгӯшиву лафзи Карбало.
Рӯзи торики замони фаҳми ҷоҳ,
Дар шумори чашму дасти дар хало.

Дуздаке овоз дод аз моҷаро,
Луъбате дар ханда омад аз саро.
Пойкӯбон аз талошу аз ҳаво
Гуфтам: о ваҳ, фаҳм кардам ин нидо.

Худ куҷо фаҳме, ки як бозии ҳуш
Буда, то хунам ба ҷӯш орад, ба ҷӯш.
То ба мастиҳо шитобамро харад,
Пираке бе май ҳамегуфтам: Бинӯш!

Доғи дил месӯхтам, аммо на доғ,
Сурате буду ба мисли боғу роғ.
Шикваҳои булбулонаш мефирефт
Ҳам ба рангу ҳам ба фаҳми зоғи зоғ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Духтаре аз ҷилваҳои дилбарӣ
Ойина бинмудаму ҳусни парӣ.
Баъд аз он шамшер бар ҳалқам ниҳод,
Бе нигаҳ гуфтам накӯям бингарӣ.

Аз пушаймонӣ ҳалокам менамуд,
Гӯиё, ки поки покам менамуд.
Оташам мезад ба боду обрӯ,
То ки аз афсуни хокам менамуд.

Киштаро нокишта меовард боз,
Ҳам зи гандум бас қиёматҳои роз.
Мушти коҳеву саводи хирмане,
Саҷдаи саҳву қиёми нози ноз.

То ба сангам пой бишкастанд, пой,
Ки туро раҳ то куҷову чист рой?
Не яке дафтар зи дастат мефитад,
Не мақомат мешавад боло, на ҷой.

Бозпас роҳе намеёбам ба роҳ,
Ханда бинмояд ба ҷонам оҳ, оҳ.
Гиря мегӯяд: садое кун баланд,
То ба пушти он биёбӣ як паноҳ.

Боварам н-омад, ки он ҳам раҳзан аст,
Душмани мову ҳазорон чун ман аст.
Ранг гардонад, набишносам яқин,
Аз чӣ гургу хуну ин пероҳан аст?.

Меравам, ки не дигар ёдам бимонд,
Ҷилваи товус ба шамшодам бимонд.
Рӯи он рангинкамони осмон
Як хати фарёду имдодам бимонд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДУРУСТӢ ДАР ВАФО ПАЙДО НАКАРДАМ

Дурустӣ дар вафо пайдо накардам,
Нигоҳе гарчи бар дунё накардам.
Чӣ сон боло кунам сарро дар он ҷо,
Зи шарм ин ҷо агар боло накардам.

Дусад сол лаб зи гуфтанҳо бибастам.
Ҳазорон расму ойинро шикастам.
Гумон кардам раҳидам ҳам зи душман,
Чу душман худ шудам, аз он нарастам.

Садоям кард ин хона, ки бархез,
Нишастан то ба кай, аз он бипарҳез.
Буруни дар яке аспест имрӯз,
Савореро ҳамехоҳад ба маҳмез.

На пойи он ки раҳворе равад пеш,
На дасте, ки нишоне бидҳад аз хеш.
На дил, ки хун бигиряд, хун бигиряд,
Ки то марҳам шавад, марҳам ба сад реш.

Хамӯшиҳо ба фарёдам нишондаст,
Ба тахти адлу ҳам додам нишондаст.
Ба берӯӣ ба ғам то рӯ наорам,
Ба гиря шоду бас шодам нишондаст.

Бимондам хору зору дуру бас дур,
Ба оби шӯру нони хушк бо шӯр.
На ақле, ки халос аз ранҷ созад,
На ишқе, ки бурун орад аз ин гӯр.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Кучо нома, ки номам бурд аз ёд,
Навишта ӯ, ки нанвисад ҳам иршод.
Ба бандам кардаву рӯзе нагӯяд:
Ба лутф ӯро бибояд кард озод.

Дигар не ноз монда, не ниёзе,
На уммеде ба як ифшои розе,
Кучо оҳанг резад аз навоям,
Ки чанги қоматам монда, на созе.

Замон ёдам намеорад замоне,
Ҷаҳон худ монда дар банди чаҳоне.
Равон дилбастаи он як равоне,
Чӣ сон аз ман бигирад кас нишоне?!

Намонда гар дурустӣ дар вафо ҳам,
Кучо ояд, кучо ояд нидо ҳам.
Ки, эй азёдрафта, ёд рафта?
Чаро ёде наорӣ аз Худо ҳам?!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ОМАДАМ, ДАРРО БА РӮЯМ ВО МАКУН

Омадам ошуфтаву зору ғариб
Бар гулистон не мисоли андалеб,
То занӣ санги маломат бар сарам,
То кунӣ аз лутфи хешам бенасиб.

Дафтарам мондаст дар рӯи раҳе,
Кӯҳи маъниам ба пушти як каҳе.
Эй ба дарбонӣ хушовоза шуда,
Хешро пиндошта ҳамчун шаҳе.

Дур аз кохи ҳабибонам кунӣ,
Таъна аз рӯи рақибонам кунӣ.
Банди ҳарфе дар сухан монда, вале
Ифтихоре бар адибонам кунӣ.

Бишканӣ най аз ғиреви сарварӣ,
Ноларо хонӣ адолатгустарӣ.
Моҳро маҳруми хуршеди саҳар,
Меҳрро бар рӯи дунё муштарӣ.

Шаш ҷиҳат афсона бинмояд ба чашм,
Оламе парвона бинмояд ба чашм.
Гиряву имдодхоҳиҳои дил
Базму хуш, шоҳона бинмояд ба чашм.

Аз замон гуфтори ширин мекунӣ,
Дарзамон бунёди сад дин мекунӣ.
Ёд не аз расму ойин мекунӣ,
Хонаи оина рангин мекунӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шом бар Шомат назар афтодааст,
То зи дунё як хабар афтодааст.
Дар замонат, дар ҷаҳонат пеш аз ин
Эътибори чашми тар афтодааст.

Рашк кӯҳи Қофро ҳамвор кард,
Ҳирс чашми чашмро бемор кард.
Эй зада сад дастро дар душманӣ,
Кибр мори хуфтаро бедор кард.

То гуноҳат аслро пӯшидааст,
Рӯҳат аз заҳроби ғам нӯшидааст.
Пиракат раҳро ғалат бурдаст шаб,
Рӯз дар деги табаҳ ҷӯшидааст.

Омадам, дарро ба рӯям во макун,
Ошиқу саргаштаи дунё макун.
То ба дилсӯзӣ маро созад садо,
Беш аз ин худро дигар расво макун.

## ХОНА ТОРИК АСТУ…

Хона торик асту дил андар гумон,
Як садоям медиҳанд аз остон,
Ларза меафтад аз он бар устухон,
То чӣ пеш ояд маро аз имтиҳон.

Ёд мехоҳам биёрам, ёд ку,
Менаёбам ҳолиё аз ҷустуҷӯ.
Дар чунин як рӯз гардондаст рӯ,
Рафта бар ҷое, на ҷо, бегуфтугӯ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Модарам, ки чеҳра пинҳон мекунад,
Дар танӯр оташ фурӯзон мекунад.
Бахтро аз рашк сарсон мекунад,
Рӯзро аз ишқ ҳайрон мекунад.

Не бародар, то ба имдодам расад,
Не яке хоҳар, ба фарёдам расад.
Не падар, аз аслу бунёдам расад,
Не ҷигарбанде, зи эҷодам расад.

Ёр то ки ҳалқа бар гӯшам намуд,
Аз нигоҳи меҳр хомӯшам намуд.
Ҳам ба дидоре чу мадҳушам намуд,
Дил бибурду пас фаромӯшам намуд.

Дӯстон аз ханда дарро бастаанд,
Душманон армони дил бишкастаанд.
Ошноён аз замон ворастаанд,
Ҳамраҳон бо рафтагон пайвастаанд.

Кӯдаке дар хоб гирён мешавад,
Ошиқи он моҳи тобон мешавад.
Моҳ то аз чашм пинҳон мешавад,
Толиби меҳри дурахшон мешавад.

Вақт дар ҳангома бозӣ мекунад,
Турктозӣ, турктозӣ мекунад.
Бениёзӣ, бениёзӣ мекунад,
Оламе аз хеш розӣ мекунад.

Бӯи беҳбуд аз гулистон бигзарад,
Бо насими лутфи Яздон бигзарад.
То нафаҳмӣ зуду осон бигзарад,
Аз иноятҳо ба фармон бигзарад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гар ки афсона бихонӣ ҳам, равост,
Дарди моро ҳар чӣ фармоӣ, давост.
Ин яке най аз найистонҳо ҷудост,
Бе наво гашта, чу дар банди навост.

Хона торик асту бишкаста чароғ,
Сина месӯзад ба доғи доғи доғ.
Не хаёле, ки шавам дар боғу роғ,
Не нишоне аз расиданҳои зоғ.

## МО БИМОНДЕМУ ГИРИФТОРӢ

Ин дарахтон осмонгиранд,
Пеш аз хуршед кай миранд?
Дар назар гӯё ки ҳам пиранд,
Ҷумла тазвиранд, тазвиранд.

Меваҳошон талху ҳам пурзаҳр,
То бичунбад як рагат аз қаҳр.
Бингарӣ бо чашмҳо ин даҳр,
Даргузар умрат чу оби наҳр.

Рӯи ҳар шохе дӯконе ҳаст,
Аз умеди обу ноне ҳаст.
Имтиҳоне, имтиҳоне ҳаст,
Муштарӣ бо нимҷоне ҳаст.

Бас мунодӣ медиҳад овоз,
Чун навое аз замири соз.
Сад дари барбаста бинӣ боз,
Як дари пӯшидаи сад роз.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Нозанине ишва бинмояд,
Дар нигоҳе фитнаро зояд.
Нури имонро, ки биздояд,
Гавҳари ҷон низ бирбояд.

Хотират ҷамъ аз парешонӣ,
Саҷда не з-ихлосу пешонӣ.
Ҳеҷ медонӣ намедонӣ,
Хешро чизе ҳамехонӣ.

Дафтарат гумгаштаи маъност,
Ҳарфакат бе ҳарфҳо танҳост,
Дар ниҳоди мурғаки анқост,
То ба чашмат аз бақо пайдост.

Гарми савдои ҷаҳонгирӣ,
Сеҳру он афсуни кашмирӣ,
Бас виқору шавкати мирӣ,
Рафтаӣ то зулмати пирӣ.

Ошноён моҳро диданд,
Ҷилваҳои оҳро диданд,
Ҳам ба кӯҳе коҳро диданд,
То дили огоҳро диданд.

Не ғуборе монд дар дилҳо,
Не фиреби роҳу манзилҳо,
Не яке чашме ба маҳмилҳо,
Не ҳама заҳроби маҳфилҳо.

Мо бимондему гирифторӣ,
Бо дарахтон рӯи беморӣ,
Дар чунин як хоби бедорӣ,
Дур аз фаҳми азодорӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин дарахтон осмонгиранд,
Решаҳо дар хоки тазвиранд.
Гарчи андар чашмҳо пиранд,
То қиёмат ҳам намемиранд.

## БЕ ҲАРФУ БЕ БАЁН…

Сухан бигрехт аз ман ё ки ман аз ӯ, намедонам,
Чунин як розро аз рӯи барги раҳ намехонам.

Ба рӯзи дод, гар ки поям аз рафтор мемонад,
Яқин донам, забони ӯ ҳам аз гуфтор мемонад.

Касе дар банди лутфу ҳам навозишҳо намеояд,
Зи берӯию якрӯӣ ба созишҳо намеояд.

Ба чашмони пур аз обам нигоҳи ёр кай афтад,
Зи дӯши дил ба умре ҳам чунин як бор кай афтад.

Замон аз он тааҷҷубҳо гувоҳиро барад аз ёд,
Ба дасташ бод бинад, бод бинад, бод, як худ бод.

Ҷаҳон саргарми кори хеш андар хона биншинад,
На дар фикри ҳақиқат, не ҳам аз афсона биншинад.

Само аз доғи хуршедӣ ба ҷон пурсӯз мегиряд,
Ба дуриҳои фаҳми шевааш links мармуз мегиряд.

Замин дар хандаҳо чоки гиребон медарад аз шавқ,
Ки фурсат меравад бо дасти ӯ якборагӣ аз завқ.

Вафо бо ҳайрати деринтизори худ аз он хона
Бурун ояд, бигӯяд, ки на зулфе буду не шона.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҷафо хори раҳи гулзори маъниро бибардорад,
Ба умеде, ки аз дидан ҳақиқатро биянгорад.

Гунаҳ ойинаро дар рӯ ба рӯи даҳр бигзорад,
Ки то худро каси нопок ҳам бас пок бишморад.

Вале гар қудратам бидҳанду лутфи беҳисоб он гаҳ,
Ба рӯи тахт биншонандаму оям мисоли шаҳ,

Ба ақлу ҳисси бас пинҳону бе ҳарфу баён гӯям,
Ки ман як раҳравам, роҳи суханро нек мепӯям.

Вале медонам, он гаҳ ҳам сухан рӯяш ниҳон дорад,
Маро бар дасти шарми шабнами як лола биспорад,

Ки то дар нестӣ ҳам шикваи беҷо набинмоям,
Агар хоҳам ба пеши ӯ ба зориҳои дил оям

## БАР КУҶО РАҲ МЕБАРАМ…

Хорро аз рӯи раҳ бардоштам,
Лолаву насрин ба фаҳмам коштам.
Манзили мақсудро ангоштам,
Парчами номӯсро афроштам.

Кӯдаке хандид бар ҳолам зи дур,
То ки дидам дар нигоҳи хеш кӯр.
Гуфт: эй марди асиру зӯри зӯр,
Мерасад бар саҷда он хуршеду нур.

Марди пире гиря беҷо менамуд,
Ноларо зиндони он по менамуд.
Не зи беҷоӣ яке ҷо менамуд,
Не ҳавас, не як таманно менамуд.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Модари афсонагӯ дар хоб рафт,
Коғази бинвиштааш бар об рафт.
Бехабар он дурри бас ноёб рафт,
Ҳасраташ то хонаи маҳтоб рафт.

Вақт дар соат ба фарёд омадӣ,
Аз пайи доду пайи дод омадӣ.
Пири раҳгумкардаи дунёи мо
Бо ғами иршоду иршод омадӣ.

Не насиме, аз баҳор орад нишон,
Не яке ёре, биёрад бӯи ҷон.
Ларза меафтад маро дар устухон,
К-ин магар рӯзест рӯзи имтиҳон?

Аҷзи донишҳои ҳиссӣ бингарам,
Раҳм ояд бар қалам, бар дафтарам.
Бар ду чашми хирабини хоҳарам,
Бар хиёлоту умеди музмарам.

То куҷо рафтему гуфтем аз вафо,
Бехабар ки буда он айни ҷафо.
Не дигар азме ба баргаштан қафо,
Не нишоне андар ин раҳ аз сафо.

Хона пеши дида дар ҷавлон шуда,
Гушнагӣ саргаштатар аз нон шуда.
Оламе аз «бишнавам» вайрон шуда,
Сад ҳикоят пушти он пинҳон шуда.

Бар куҷо раҳ мебарам, худ бехабар,
Бо дили гумгаштаву бе пову сар.
Бо фироқи дӯстони пурҳунар,
Бе камолу бе ҷалолу бе асар.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АШК МЕГИРЯДУ …

Ашк мегиряду хуноби ҷигар меояд,
То ки дил нест, чӣ имрӯз бадар меояд.
Лутфангоштаро даври қамар меояд,
Офтобаш зи ғурубе ба назар меояд.

Даст бар ҳам задаму сел бихандид ба ноз,
Ки туро хона намондасту раҳат гашт дароз.
Сояи меҳр ба сар ҳеҷ намебинӣ боз,
Дари асрор набикшояд аз он рӯи ниёз.

Дафтарам чун ҳама афсона ба оташ додаст,
Хотироти мани девона ба оташ додаст.
То нагӯям, ки чӣ кошона ба оташ додаст,
Бо найистон найи девона ба оташ додаст.

Хандаи гул, ки аз он шохаи бедам ранҷид,
Себаки гумшудаи сурху сафедам ранҷид.
То қиёмат накунад, кӯҳи умедам ранҷид,
Рӯи ойинаи бишкастаи шедам ранҷид.

Не нигоҳе, ки вафоро ба хирад биспорад,
Не қиёсе, ки ҷафоро ба сахо бигморад.
Не итобе, ки савобам ба замон бишморад,
Не шитобе, ки яке нақш ба ҷон бингорад.

Захм аз мори сиёҳам ба давое саргарм,
Захма дар тори рубобам ба навое саргарм.
Гард дар як нафаси умр ба рое саргарм,
Дард аз авҷу нумӯе ба ҳавое саргарм.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дигар ин ҳасрати хунгаштаву мову бозор,
Ранҷи пирию нафасҳои ба тезӣ чун хор.
Музди беруншудаи кор зи дузде ҳушёр,
Гӯри имрӯз ба роҳу алами ғуссаи пор.

## БОЗИИ ПИНДОРРО ҲАМ БОХТАМ

Кас намедонад, ки роҳам то куҷост,
Дарду заъфу оҳи оҳам то куҷост.
Ноумедии нигоҳам то куҷост,
Ҷилваи рангини коҳам то куҷост.

Пушти девори тааҷҷуб мондаам,
Гардаки ҳастии худ афшондаам.
Не магас аз рӯи хонам рондаам,
Бар мадад не як касеро хондаам.

Чарх аз тазвир рӯяшро намуд,
Моҳ аз тасвир мӯяшро намуд.
Гул ба макре ҳусни бӯяшро намуд,
Ҷӯ ба ашке ҷустуҷӯяшро намуд.

Дӯст бегона расид аз душманӣ,
Модарам бо дарди заҳ, ҷонканданӣ.
Мир дар афсонаҳои рустанӣ,
Пир дар андешаҳои растанӣ.

Мол рӯи мории худро кушод,
Ҷоҳ бо ҷоми нахустин заҳр дод.
Меҳр кини рафтаро ночор зод,
Хирман аз боди вазон гардид шод.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар чаман оташ фитод аз чашми бад,
Худ сипанд аз оламе ҷуста мадад.
Омадӣ бар гӯшҳо як ҳарфи рад
Аз Хиёлистони дури деву дад.

Бар само кардам назар, ку он назар,
То дигарбора набикшодам басар.
Фаҳм банди рӯй овардан ба дар,
Сидқ асири дерсоли раҳгузар.

Не муроде, ки барорад сад мурод,
Бигзарам з-андешаи чандин нажод.
Гӯям, ин гаҳ мерасад як марди род,
Ки ба пояш ҷумла олам сар ниҳод.

Бозии пиндорро ҳам бохтам,
Будаи нобударо андохтам.
Аспаке дар найсаворӣ сохтам,
Гарчи найро ҳамчу най нашнохтам.

Доду бедоди ғарибӣ мушкил аст,
Укдаҳо дар риштаҳои ин дил аст.
Менабитвон гуфтанам, ки маҳфил аст,
Растанам бояд аз ин обу гил аст.

Кас намедонад, ки роҳам то куҷост,
Дарду заъфу оҳи оҳам то куҷост.
Ноумедии нигоҳам то куҷост,
Ҷилваи рангини коҳам то куҷост.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БИЁ, ФАСЛИ БАҲОРИ ЭЪТИБОР АСТ

Биё, фасли баҳори эътибор аст,
Ба пояндоз гулҳо шашқатор аст.
Ғазалхон аз муҳаббатҳо ҳазор аст,
Замон аз ҳар ҷиҳат ойинадор аст.

Вафо кардӣ, ки қурбони вафоят,
Ҷаҳоневу ҳама ҳам хоки поят,
Сухан зинат гирифт аз марҳабоят,
Иҷобат нози дигар аз дуоят.

Ба шукре ин замири пок дорем,
Ки тухми меҳр андар он бикорем.
Зи шодиҳо ба гардун сар барорем,
Чу ҷону дил ба роҳат месупорем.

Биёӣ, осмон ҳам шод гардад,
Замин аз ранҷу ғам озод гардад.
Замони лутфу бас иршод гардад,
Куҷо вайронае, обод гардад.

Нигоҳам маст меояд ба дидор,
Зи ёдам меравад имсолу ҳам пор.
Ба ҷонам мерасад ҳар ҷилваи ёр,
Бурун меоям аз сад доми пиндор.

Муборакбодам олам боз ояд,
Ба ҳусну лутф, бепардоз ояд.
На бо андешаҳои ноз ояд,
На як розу на аз як роз ояд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Саодат зиндагониро писандад,
Ҳаёти ҷовидониро писандад,
Нишоти осмониро писандад,
Суботу компрониро писандад.

Намонад раҳзанею раҳбаре ҳеч,
Намонад теғу ҳам як испаре ҳеч.
Намонад меҳру ишқу дилбаре ҳеч,
Намонад сарварию сарваре ҳеч.

Саногӯят чу ман садҳо ҳазорон
Ба рӯзи офтобу лутфи борон.
Ба ҳаққи гиряҳои шаҳриёрон,
Макун моро дигар аз интизорон.

## ҚАСД

Медарам имшаб гиребони вуҷуд,
Сар на маст омад аз ӯ андар суҷуд.
Гиряҳо омӯхтам аз чангу уд,
Во кунам то чашм беруntap зи худ.

Дар бубастам, гарчи сад фитна дараст,
Он тараф меҳру нигоҳи хоҳар аст.
Ларзаи овозу ҷисми модар аст,
Номаву гулҳои дасти дилбар аст.

Дафтарам дилбастаи ҳарф омада,
Баҳрҳои ошно жарф омада.
Ҳайрате бар наҳву бар сарф омада,
Рӯи боми хона то барф омада.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Муштарӣ бозори Ҳиндустон бирафт,
Ноумедона, ҷигарбирён бирафт.
То биёбад боз ҷон, аз ҷон бирафт,
Не, ки андар рангҳо пинҳон бирафт.

Хотирам садҳо парешонӣ бизод,
Ки замоне мерасад аз адлу дод.
Ҳайф бошад донаро додан ба бод,
Офтоберо надидан шоди шод.

Таънаи девор ҳам ширин бувад,
Аз сафову аз вафову дин бувад,
Бо ҳама расму ҳама ойин бувад,
Рӯйи як шиша, ки ҳам рангин бувад.

Рӯшанӣ аз равзане гӯяд: биё
Як даме андеша манмо з-интиҳо.
Хона-хона роҳ дорам то дуо,
Мустаҷобаш пешаш ояд бар сано.

Он қалам дар зораву дар зора шуд,
Дил ба сангинии худ садпора шуд.
Ки чаро бояд зи нав овора шуд,
Толиби меҳру маҳу истора шуд.

Худ ҷаҳон дарси маломат медиҳад,
Аз надомат, аз надомат медиҳад,
То қиёмат, то қиёмат медиҳад,
Бе шаҳомат бе шаҳомат медиҳад.

Муждаи шомам набидҳад гар касе,
Ё нагӯяд «шаб шавад» маънирасе,
Меҳӯрам хун аз чунин рӯзе басе,
Мебарад бодам ба сони як хасе.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Даъвие монад зи ман, даъвии хом,
Коракам бас сода, он ҳам нотамом.
Мурда дар раҳ бенишон, бе номи ном,
Ночашида ҷуръае аз ҷоми ҷом.

Кӯдакон гӯянд ҳам кӯдак набуд,
Ҳайф аз он умраш набурда ҳич суд.
Рӯякаш нуре надорад аз суҷуд,
Мурда андар банди зиндони вуҷуд.

Ҳар ду даст аз гӯр меояд бурун,
То ба ҳасрат рафтаам, гардида хун.
Худ ҷаҳонам кард охир сарнагун,
Чун фиребе хӯрдаам з -ин дуни дун.

Кош фарде ибрате гирад зи ман,
Ки чи ҳоле доштам дур аз ватан.
Бо яке фаҳми вафои анҷуман,
Бе яке ёде аз ин гӯру кафан.

## ШУКР

Омадӣ аз хонаи лутфу вафо,
Марҳабо, эй ҷони ман, сад марҳабо,
Беҳтарӣ ин боғи моро аз сабо,
Не нишоне мондаӣ чун аз ҷафо.

Омада оҷиз ба васфат худ сухан,
Пас чӣ коре боз меояд зи ман?
Не яке фаҳмест рӯзе аз ватан,
Не яке дидори тоза аз чаман.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Осмон дар ҳайрату бечорагист,
Бод бас дар ҳолати оворагист.
Ҷӯй масту маст бе майхорагист,
Дар ҷаҳон ҳар чашм дар назорагист.

Кай дигар ёде зи дафтар мекунам,
Рӯй бар меҳробу минбар мекунам,
Ҷилваро дар ҳуснҳо тар мекунам,
Ҳам назар бар моҳу ахтар мекунам?

Шукр ҳичу ҳич бошад дар забон,
Дар гулистон ҳамчу оҳи булбулон.
Осмон дидӣ, ки дорад нардбон?
Хешро оқил ба девона махон.

Он чӣ дидам, дида ҳам нодидааст,
Гӯш ҳарфе ҳам аз он нашнидааст.
Даст не як гул ба шавқе чидааст,
Ақл кай рамзи дарун фаҳмидааст?

Достоне дар сари як қатра ашк,
Баҳри бепаҳно даруни машки машк.
Хандае дар нотавониҳои рашк,
Гиряе дар пашку оҳи оҳи кашк.

Зулмат ин ҷо офтобӣ гаштааст,
Дурд ҳам аз ишқ нобӣ гаштааст.
Хок шав, ки хок обӣ гаштааст,
Зоҳидат ҳам бин рубобӣ гаштааст.

Не зи дунё гӯву не аз ину он,
Не зи девони ғазал маънӣ бихон.
Не яке аспи умедатро ҷаҳон,
Не ба бозии равонат шав равон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй аҷаб, рафтам куҷо аз нокуҷо,
Солҳои сол кардам илтиҷо,
Не ба ҳарфе мондаам, не дар ҳиҷо,
Не яке аз ҷои ҷое то ба ҷо.

Худ карам карду яке лутфу сахо,
Аз вуҷудам гуфт худро марҳабо.
Хешро овард чун боди сабо,
Ҳам маро хонда ба лафзе муҷтабо.

Нест бозии нигаҳ, ки хуш дамид,
Ҳам димоғам то зи бӯяш хуш шамид.
Душманам аз тарси ҷонаш хуш рамид,
Ҳам дарахт аз бори зебо хуш хамид.

Нест ҳазён, ин ки мегӯям ба ҷон,
Не барои мардуму не баҳри нон.
Худ фалак мегустурад пешам чу хон,
Нотавонеам намехоҳам тавон.

Шукри ӯву шукри ӯро мекунам,
Шукри ин як гуфтугӯро мекунам.
Шукри садҳо ҷустуҷӯро мекунам,
Шукри он лутфи накӯро мекунам.

## БАР ДУ ҚИБЛА РӮЙ ОВАРДАН ЧАРО?

Бар ду қибла рӯй овардан чаро,
В-он замон бегона бишмурдан маро.
Шод будан аз ғами ҳар ду саро,
Бо фарову бо барову моҷаро?

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Наъраи сели ҳаводис мерасад,
Себаки сурхи нигоҳам мепазад.
Хотами мулки Сулаймон мераҳад,
Аз баҳову аз нигоҳу фикри бад.

Гар аз он хона намегӯӣ сухан,
Гар намеояд туро ёди Ватан,
Гар намехоҳӣ гуле аз он чаман,
Ман гунаҳгорам, ҳазорон ҳамчу ман?

Заҳр андар ҷоми мардум рехтӣ,
То дусад мазҳаб ба ҳам омехтӣ.
Хоки бас бечорагиро бехтӣ,
Рӯи шохе чун чароғ овехтӣ.

Кӯдаке сангат заду бе оҳ рафт,
Гандумат бахшиду худ бе коҳ рафт.
Моҳаке буд, дар замон бе моҳ рафт,
Ҷилваи пинҳон ба оҳи оҳ рафт.

Бӯи дафтарро шунидӣ дар саҳар,
Шуҳратат хандид аз лахти ҷигар.
Оламе монд аз назар, аҳли назар,
Дар парешонҳолии як раҳгузар.

Ашк бе ҳангома дунёро намуд,
Мушк як андӯҳи савдоро намуд.
Рашк болои чалипоро намуд,
Ҳасрати қалби насороро намуд.

Доми худъа пеш овардӣ ба ноз,
Аз тилисми худ наёмад рози роз.
Қиссаро то қисса кардӣ бас дароз.
То бигӯяндат даре гардид боз.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин ғароиб аз кӣ меомӯхтӣ,
Ки нафасро сӯхтиву сӯхтӣ?
Гавҳаре аз баҳри нафс андӯхтӣ?
Шамъаки афсурдаро афрӯхтӣ?

Модарат дар рӯи бурё менишаст,
Дидаро аз ҳусни маъно мешикаст.
Дил ба дунёву ба савдо менабаст,
Аз ҳақиқатҳои фаҳмаш менараст.

Гуфтаӣ: ҷоно, биё бар хонаам,
Бодаи нав нӯш аз паймонаам.
Бин, дарахте руста хуш аз донаам,
Боварат ояд ҳама афсонаам.

Офтоб андар ғуруб асту суҷуд,
Коҳ месӯзад ба фаҳмишҳои дуд.
Ки чӣ буду чӣ набуд аз буд –набуд,
То наояд аз надоматҳои рӯд.

Инчунин фардои бефардо бубин,
Гар намехонӣ зи зайтуну зи тин.
Душмане пурмакр дорӣ дар камин,
Додрас Раб аст, Раббилъоламин.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БУРУН РАФТАМ...

Бурун рафтам, бурун рафтам зи хона аз барои нон,
Ғаме омад ба ранҷурӣ, ки аз ман низ он бистон.

Садои кафш бар гӯшам бигуфто, ҳеч нахрӯшам,
Сафар дар пеш дорему ба дурри ашк нафрӯшам.

Ба раҳ аз ҷилваҳо обе шитобе бар шитобе буд,
Нахонд аз як ишорат ҳам, азобе дар азобе буд.

Гумон аз боғ мебурдам, замон аз доғу доғу доғ,
Ки фардо фитна мезояд ба ранги сад пари як зоғ.

Вафо ёде зи маҳ медоду ахтарҳои зеби шаб,
Ки то берун шавам аз қайди рӯи нону ҳар матлаб.

Агар ки бӯи себам мерасид, афсона мегаштам,
На дар андешаи нону на он як хона мегаштам.

На ақлам аз назорат обрӯи тозае меёфт,
На дунё тухмате бар шуҳрати гумгаштаам мебофт.

Зи поёни раҳи наспурдаам бояд нагӯям ҳеч,
Ки мазмун дид андар банди ҳарфи норавонам печ.

Вале бо ин ҳама хонам пур аз нон асту пур аз себ,
Ки дар осеби ҳар дидан варо бахшад ба фаҳме зеб.

Биё, раҳро агар донӣ, ба меҳмонӣ, ба меҳмонӣ,
Зи баски ошиқи себию ҳам бас гушнаи нонӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# БОЗӢ

Хутба хондан бар сари гӯри азизон
Гиря кардан бошад андар фасли райҳон.
То нагӯӣ иштибоҳе рафта аз ҷон,
Ки яке ойина нанмоянд бо он.

Такя бар дониш дар ин ҷо аблаҳӣ аст,
Хотири ҷамъат на ҳам аз огаҳӣ аст.
Худ асои даст фаҳме аз каҳӣ аст,
Чун надонӣ мулкаки шоҳаншаҳӣ аст.

Дар гарав мондӣ марову пас куҷоӣ?
Лутфаке бинмуда аз як беҳаёӣ.
Бе садову бе баҳову бе навоӣ,
Аз ғарибӣ дар раҳи мотамсароӣ.

Пеши поят лоларо дидӣ? Надидӣ,
Баргҳо аз шохаат чидӣ? Начидӣ.
Бӯи себеро ба ваҳме гар шунидӣ,
Решаро бо арраи даркат буридӣ?

Саллаат бар сар бияфтод аз шаби тор,
Аз чӣ мегӯӣ зи имсолат, ҳам он пор.
Луъбатат берун нашуд аз панҷу як чор,
Пушти сарро пас ба нохунҳои мо хор!

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТАРОВИШ

Бо сояи худ ҷанг намудем ниҳонӣ,
Як ҷанги ҷаҳонию ҷаҳонию ҷаҳонӣ.
Аз марҳамати рӯҳу диле нек равонӣ,
То домани пирӣ зи ғами рӯзи ҷавонӣ.

Нанг омаду фарёд зад аз шарму ҳаёе,
Номус яке ваъз бигуфт аз сари пое.
Овоз баровард ғами дил ба сарое,
Эй пири сияҳпӯш, намо рӯ ба вафое.

Чашмам ба раҳи омадаам кӯр шуду кӯр,
То дид гули руставу зебои лаби гӯр.
Не ёд биёвард дигар аз сари як нур,
Не гуфт зи дурию аз он ҳодисаи сӯр.

Ҳар кас зи сари фаҳм маломат бинамудам,
Афсонаи имрӯзи надомат бинамудам.
Тасвири сарозери қиёмат бинамудам,
Бо рамзу суханҳову аломат бинамудам.

Хуршед дареғаш ба ману олами мо буд,
Мадҳаш, ки аз он маҳду ба ҳангоми сано буд.
Рӯяш, ки ба пиндор қафо буд, қафо буд.
Дар доираи доираи аҷру баҳо буд.

Он кӯдаки гумгашта ба як қанд басе шод,
Не ёд зи илме бинамуду на зи устод.
Не коҳ ба фаҳмаш заду не ҳам раҳи як бод,
Не қасри шаҳаншоҳу на Ширину на Фарҳод.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин гуна яке фасл равон буду равон буд,
Даҳ ҷурму сад он узри ҷавон буду ҷавон буд.
Дар баргаки андеша шамоле на вазон буд,
На низ ба пиндори мане аз рамазон буд.

Оҳиставу бас нарму дилогоҳ бирафтем,
Монандаи шаб аз дили он моҳ бирафтем.
Ҳам роҳ бирафтем, ҳам аз роҳ бирафтем,
Дар чашми хасон гар зи ғами чоҳ бирафтем.

Не хонаву не дар, на зари куҳна биҷустем,
Не як хабари раҳгузари куҳна биҷустем.
Не як сафару ҳамсафари куҳна биҷустем,
Не шохаи нав, не самари куҳна биҷустем.

Гар санг занӣ аз паси ман, зан, ки на сангем,
Бо ҳар кӣ ба ҷанг омада, имрӯз наҷангем.
Бар дида сиёҳем агар, ҳеҷ на рангем,
Не марди вафодору баномусу банангем.

Ойина шикастем, набинем дигар рӯ,
Аз боғ рамидему наҷӯем яке бӯ.
Аз ҷӯй паридем, чӣ ҷӯед аз ин ҷӯ?
Не рӯй биёред бад-ин сӯй зи ҳар сӯ.

Будему набудем дар афсонаи ҳастӣ,
Будему набудем ба болову ба пастӣ.
Беҳуда набандед дусад айб ба мастӣ,
К-ин марҳамате ҳасту равад низ дудастӣ.

Дар ёди фаромӯшии ин даҳр намонем,
Не низ ҳақиқатшуди ин бист гумонем.
Охир на ҳам онем, ки гӯед ҳамонем,
Афсуншудаи мулки ҷаҳонему замонем.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз банди ҳама ҳамҳамаҳо гарки раҳоӣ
Хоҳед ба мастиву дусад панди баҳоӣ,
Ё ки ба ҳама дард биҷӯед давоӣ,
Аз мо гузареду зи ғами рӯзи навоӣ.

## ХАБАР

Як саворе омад аз шаҳри вафо,
Шуд саропо тар зи борони ҷафо.
Бар забон не кас бигуфташ марҳабо,
Не даре бикшода дид аз моҷаро.

Як нишон аз оҳ ҷусту оҳ рафт,
Манзиле ку, худ ба як дам роҳ рафт.
Офтоб аз гиряи бегоҳ рафт,
Моҳтоб аз ҷилваҳои коҳ рафт.

Ёд овард аз ғиреви бодҳо,
Аз яке аҷзу ҳама фарёдҳо.
Рӯзаки гумгашта тори додҳо,
Бо хаёли шодии озодҳо.

Номааш афтид дар анҷоми шаб,
Бо ҳазорон фитнаву дарки аҷаб.
Не ба рағми ишваву рақсу тараб,
Не ба ғамҳо, не ба сӯзишҳову таб.

Парчаме дар чашму дар фаҳмаш сиёҳ,
Аз садоқатҳои бемислаш гувоҳ.
Мавҷ мезад, мавҷ мезад аз пагоҳ,
То чӣ мебинад дигар аз иштибоҳ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Як садои гиря овардаш ба худ,
Ки бияндешад дар он саргаҳ чӣ буд.
Сарваташро худ замона чун рабуд,
Ки на равшан мешавад аз ҷуду суд.

Бесабаб ойинаро бишкастааст,
Он ба хоки хоки ӯ пайвастааст.
Ин муаммои дусад дарбастааст,
Ки зи ҳарфаш раставу норастааст.

Аз падар лағваш парешонӣ бизод,
Киштиашро ҳам ба мадду ҷазр дод.
Як кулаҳро рӯи харсанге ниҳод,
Дар шабаҳ рафту саропо шуд мурод.

Хоҳараш даъвии аспашро намуд,
Модараш хоҳони чатру чатр буд.
Осмон аз дуд гуфту дуд, дуд,
Рӯй зад афсонасӯзиҳои уд.

Алғараз, не он ҷавон монду на ман,
Не яке булбул парид аз ин чаман.
Не яке тӯтӣ биёмад бар ватан,
Не яке рӯҳе бихандид аз бадан.

То ба кай гӯям зи сирру ҳам зи сар,
Бе асар бошад ҳама, ҳам беасар.
Қуфлаке аз дур меранҷад зи дар,
Ки касе аз хона меёбад хабар.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПАЙМОНЕ БА ПАЙМОНА

Медурахшад офтоб аз сӯи дӯст,
То барам роҳе ба ҷон бар кӯи дӯст.
Пур шавам ҳар лаҳзае аз бӯи дӯст,
Рӯи худ бинам ба ҳусни рӯи дӯст.

Баъд аз он як хона бе хона шавад,
Мағз бинад, дур аз дона шавад.
Ҳам зи хеши хеш бегона шавад,
Рашки сад оқил ба девона шавад.

Об ояд бар саломаш масти маст,
Хок гӯяд: ҷоми ҷом ин гаҳ шикаст.
Бод нозад –ошиқе аз худ бираст,
Оташ оҳе даркашад, к-аз по нишаст.

Не ғарибона назар монад, на оҳ,
Не гадо бар чашм тобад, ҳам на шоҳ,
Не лаби ноне намояд боз моҳ,
Не яке фахре расад аз кӯҳу коҳ.

Бӯи беҳбуди ҷаҳон н-ояд ба ёд,
Кас нагӯяд мушаке филе бизод.
Фитна рӯяшро набикшояд ба дод,
Лола аз доғе нанозад шоди шод.

Рангҳо беранг мегарданд боз,
Сангҳо аз лаъл меоранд роз.
Не дигар нозе бимонад, не ниёз,
Не ҳам он Хизру на худ дашти Ҳиҷоз.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дафтари маънӣ ба ёдам чун расад?
Ҳисси раҳзан бар ниҳодам чун расад?
Кас ба фаҳми эътимодам чун расад?
Ки на бодам, худ ба бодам чун расад?

Зиндагӣ хуршеди афсона шудаст,
Як дарахту дар дили дона шудаст.
Риши сабзе дар дили шона шудаст,
То чӣ паймоне ба паймона шудаст.

Маст мастӣ мекунад, то ҳаст, ҳаст,
Бехабар, ки ҳаст чун ӯ масти маст.
Не ба иқлимам қалам, ки ҳам шикаст,
Ин дареғи дидаро бар худ бибаст.

## ТАНЗ

Хона кардам, хона кардам дар хало,
Рӯзу шабҳоям ба он дар мубтало.
Гуфтамат ҳам бас ниҳону бармало,
То нахониям аз ин сӯи сало.

Дафтарам аз ёду аз ёдам бирафт,
Маънии иршоду иршодам бирафт.
Худ сабақ аз рӯҳи устодам бирафт,
Коҳаки овардаи бодам бирафт.

Не яке ҳамсояву ҳам сояе,
Не яке андешаи пурмояе,
Не яке ғам дар нигоҳи пояе,
Не яке шодӣ зи меҳри дояе.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бахт рӯгардону рӯгардони мо,
Ақл бас сарсону бас сарсони мо.
Дил гумонбаргаштаи имони мо,
Ҳуш аз он сӯ фитназои ҷони мо.

Худ куҷо ҳарфи Худову ҳам Расул,
Монда андар фаҳми бефаҳмӣ қабул.
Фиқҳро ойнадори нуҳ усул,
Ҳам падар гашта ба номи Булфузул.

Оҳ рафта пеш сад сол аз вуҷуд,
То яке себи нигоҳеро рабуд.
Боғбон аз хоб мастӣ менамуд,
Даҳр нопайдо зи оташҳои дуд.

Пешво аз пас ба ҳасрат нон газид,
Шаш саги пурпашм дар фармон газид.
Як нафас андар гулӯ ҳайрон газид,
То гумон аз пойи он даврон газид.

Ранг мезад соатам аз биступанҷ,
Ки ҳама дуздон бибурдастанд ганҷ.
Дор боло шуд ба ин дори сипанҷ,
Ки фуруд о аз ҳавои ранҷи ранҷ.

Нест таъбире ба хоби огаҳе,
Юсуфи мо монда дар таҳти чаҳе.
Не дигар сол асту не фаҳми маҳе,
Не дигар хирман, на дону не каҳе.

Рақсу бозӣ асту айшу бас тараб,
Чормеху бе худовандон адаб.
Ҳиммати олист дар пойи насаб,
Рӯз бикшодаст то дарҳои шаб.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Меравам болову болотар зи хеш,
Аз раҳи афсонаи дарвеши реш.
Не зи кам андеша дорам, не зи беш,
Не зи хешу не зи нешу не зи кеш.

Бар суроғам кас намеояд, на кас,
Не зи дарки пешу не ғамҳои пас.
Не ба оҳангу нишоти ҳамнафас,
Не зи маҳмилҳои умру не ҷарас.

Ёд аз он як хонаам гар аблаҳист,
Эътиборе бар чунин шоҳаншаҳист.
Гар ба номи эътирози огаҳист,
Аз сари як рутбаи як ё даҳист.

## ИМТИҲОН

Не парам буду на парвози баланд,
Не нигоҳам рафт то сӯи саманд.
Зулф дастамро шикаст андар каманд,
То ки дуде сар зад аз қалби сипанд.

Имтиҳон оғоз шуд аз имтиҳон,
Зиндагӣ анҷом дид аз фикри нон.
Кӯдаке бо гавҳаре дар суди ҷон,
Гуфт: эй пири гарав бурда гумон.

Дафтарам аз бӯи себ андӯҳ зод,
Бурд ҳарфу савтро аз ёди ёд.
То чӣ мехонӣ ба ин як фазлу дод,
Ки дар ин мотам наёӣ аз мурод.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Рӯз аз хуршед гуфту аз нигоҳ,
Сабт шуд ин гуфта андар нақши роҳ.
Оҳаки марде дар он бурда паноҳ,
Рӯйи худ пӯшид аз шарме гуноҳ.

Даст неву дастгирам бешумор,
Пой неву мардумоне зарнисор.
Эй гули навруста, мегӯ аз баҳор,
Гарчи пайдо нест сабру интизор.

Хона-хона ашк фарёдаш фурӯхт,
Сад умеду дурри имдодаш фурӯхт.
Дар таманнои вафо зодаш фурӯхт,
Бесутун монда чӣ Фарҳодаш фурӯхт?

Аз парешонӣ ҳикоят мекунанд,
То зи ҷамъи мо шикоят мекунанд.
Бо ғарибиҳо ҳидоят мекунанд,
Аз гузашта кай ривоят мекунанд?!

Аз иноят гар ба ёдам оварад,
Бар билодам дар билодам оварад.
Шоди шоди шоди шодам оварад,
Эътимоду эътимодам оварад.

Не зи парвозу на аз пар гӯяме,
Не зи ҳарфу не зи дафтар гӯяме.
Не зи хуршеду гули тар гӯяме,
Не зи ҷому не зи соғар гӯяме.

Пас надонӣ, чӣ касам, ҳам аз куҷо,
Аз чӣ майлам буд бар сӯи само.
Зина-зина рафтаам то ибтидо,
З-ибтидо то интиҳои интиҳо.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЧАШМ КУШО, ЛУТФУ ВАФОРО БУБИН

Шиква туро суд надорад, биё,
Эй ба фалак бар шуда аз моҷаро.

Мову заминему сиёҳии рӯ,
Дар нафаси тоза ба он гуфтугӯ?!

Мо ба ғалат роҳ агар бурдаем,
Аз ғами он оҳ набиспурдаем?

Дафтари ашъор ба афсона сӯхт,
Мусҳафи пиндор ба дурдона сӯхт.

Хона ба хонам чу дами бод рафт,
Фитна аз оғӯши сад устод рафт.

Дарси вафоро нигаҳи шом зод,
Моҳи наверо чу лаби бом зод.

Вақт дар андешаи фурсат набуд,
Даҳр ба ғамбодаи исмат набуд.

Мурғаки овора ба сад гул расид,
Дид аҷабҳо, ки ба умре надид.

Шукр ба шукре зи саломат бигуфт,
То нигаҳи рӯзи қиёмат бигуфт.

Ашк бихандид бари рӯи боз,
Аз асари меҳр ба он дилнавоз.

Ҷомаи шоҳона ба бар кард ғам,
Ки на яке зулм бимонду ситам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Об ба сад ранг ишорат намуд,
Аз карами ёр башорат намуд.

Лутф бурун гашт зи дунёи ноз,
Гуфт: намондаст ба олам ниёз.

Субҳ ба покӣ чу дарашро кушод,
Меҳр аз он меҳр паёме бидод.

Чун зи вафо мерасад ин дам вафо,
Тарс куҷо роҳ барад аз ҷафо?

Шиква яке хас, ки на бодаш барад,
То раҳи афсонаи додаш барад.

Пуршакар ин мулки ҷаҳон омадаст,
Маст ҳам ин ҷисму равон омадаст.

Ҳамчу гули сурх чаманро биханд,
Лолаву райҳони ватанро биханд.

Чашм кушо, лутфу вафоро бубин,
Ҳам караму меҳру сахоро бубин.

Бӯ, ки барӣ бӯ ба гулистони ҷон,
Ханда кунӣ мисли гуле аз равон.

## ДАР АНДЕША ГУЛИ МАҚСУД РӮИД

Чу гул механдаму механдам, эй дӯст,
Чу гул хандиданам имрӯз некӯст.

Баҳор асту баҳори ҷонфизо аст,
Маро з-он нашъаву нашъунамо аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дари олам ба рӯи ғам бубастам,
Ба тарфи ин чаман ки хуш нишастам.

Муборакбод ояд офтобам,
Ки дур аз зулму аз ранҷу азобам.

Насимам муждаҳо овард аз ёр,
Ки бахт омад туро, он бахти бедор.

Бигуфт оҳиста обам: хуш бимонӣ,
Ки аҳли ҷонию беҳтар зи ҷонӣ.

Ғазалҳои равониам замон гуфт,
Равону содаву бе тарҷумон гуфт.

Чароғон шуд шабистони хиёлам,
Ҷавоб омад савол андар саволам.

Дар андеша гули мақсуд рӯид,
Ту гӯӣ суд андар суд рӯид.

Гунаҳ айни савоб омад ба як бор,
Намонд аз ҳасрати дерина ағёр.

Вафо мезад рубоби шодмонӣ,
Ба номи ҷовидонӣ, ҷовидонӣ.

Ҳазорон шукр дар шодӣ аён аст,
Ҳазорон шукри ёру ин замон аст.

Биё, ки раҳ ба сӯи ӯ бибурдам,
Ғами дунё ба дунё хуш супурдам.

Чу ёрам дид ёри рафта аз ҷон,
Биёвардам ба мулки ҷону ҷонон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман аз он сӯ ҳамеоям, аз он сӯ,
Намебинӣ агар, бишнав яке бӯ.

Аз он фаҳмӣ, ки гул дар ханда бошад,
Чу хуршедаш зи ҷон тобанда бошад.

## ОР

Он чӣ мебинам мисоли кӯри дар бозор бас зор,
Эътибор аст, эътибор аст, эътиборе ҳам ба пиндор.

Колаамро бурда дузде, зиндагиро меситояд,
К-андар ӯ не офтоб омад, на моҳеро бибояд.

Раҳраве мегӯядам истоданам ин ҷо на суд аст,
Гар кабобе хостам, аз фитнаҳои дуду дуд аст.

Мушаке поям бихориду назар кард аз баландӣ,
Мағзи бодомам бибурду ҳам намудам нописандӣ.

Мардуме роҳи саборо аз гадоиҳо бибастанд,
То ки аз зулми чунин як рӯзгоре хуш бирастанд.

Кӯдаке мегиряду нони ба шире хостор аст,
Омаданҳои маро ҳамчун падар бас интизор аст.

Бовари андешаро ҳам рӯи раҳ андохтанд, оҳ,
Чун дуконе аз хаёли бевафоӣ сохтанд, оҳ.

Он муаллим аз фасона панд бидҳад, панди бисёр,
К-аз чанораш як анораш бахшадаш имрӯз ағёр.

Мехалад як сӯзани гумгашта дар шаҳре ба поям,
То ки чун девона бар ногуфтанӣ лаброб бихоям.

Ҳамчу ман як кӯр гар бошад ҷаҳонро инчунин хор,
Войи он бино, ки дорад аз замону хештан ор.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МОҶАРО

Дуздаке бурдам ба ночор
Аз раҳи андеша бозор,
Гуфт: молеро харидор
Гар наӣ, бас шарм медор.

Мӯзаам доду наботе,
Бо суботу бе суботе,
То ба як пойи нишоте
Раҳ барам сӯи наҷоте.

Не маро аз хона ёде
Омаду ҳам фаҳми боде,
Не ба дарки эътимоде
Рафт хуш афсоназоде.

Дафтарамро шуст борон,
Як гадое хост чун нон.
Ҳам қалам бишкаст осон,
То шикаст омад ба имон.

Модарам гуфт аз баҳоре
Бо умеди эътиборе
Аз мадоре, аз мазоре
Дар паси як лолазоре.

Чун шунид дуздак садоро,
Ин садои ошноро,
Гуфт: шармат бод моро,
Кас нагӯяд моҷароро.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Моҳ монду осмоне,
Булбуле аз гулситоне.
Ҳам мани бе тарҷумоне,
Дар нигаҳ як достоне.

## РОЗ

Ба гирдоби ғамеам, ки ғаме нест,
Нишон дар субҳдам аз шабнаме нест.
Гулам додӣ, набурдӣ ҳеҷ бӯе,
Бидидам ҳамдамеву маҳраме нест.

На дасте, ки занам дасте ба ночор,
На дарде, ки бинолам зору бас зор.
На фаҳме, ки бигӯям бе забоне
Худоё, аз балоям худ нигаҳ дор.

Яке киштӣ ба хомӯшии соҳил
Нишаста хуш, бибаста рӯзаке дил,
Намедонад, намедонад ба фардо
Зи ман гӯянду аз ин кишту ҳосил.

Вафо мехостам, дидам ҷафое,
Басо рӯшан ба оби босафое.
Ки ҷойи бовару нобоварӣ нест,
Чу фаҳмаш мекунад ҳар бовафое.

Аз ин гирдоб не фарёд дорам,
На душманро ба ғамҳо шод дорам.
Ту медонӣ, азизи дидаву дил,
На он як шеваи имдод дорам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ману дарёи бепоёни тақдир,
Ба гирдобам агар ки мезанад тир.
Агар ҳам хӯрдаам хун, худ сазоям,
Чу рӯзе пеш хӯрдам бехабар шир.

Ба хомӯшӣ маро, ки сад забон аст,
Намегӯям чӣ розе дар миён аст.
Магӯ марде ба гирдобе фурӯ рафт.
Магӯ аз ӯ нишоне дар ҷаҳон аст.

Агар лаб во кунӣ, сӯзӣ ба гирдоб,
Бимириву на обат медиҳад об.
Напиндорӣ, ки дурӣ аз ҳақиқат,
Нафаҳмӣ, ки ба хобиву дар ин хоб.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МАҲРУМӢ

Эй деги саховатро дар об сияҳ карда,
Дар нимаи шаб нонам бас тухмати маҳ карда.
Бо пушта намехусбӣ, то ҷилваи раҳ карда,
Аз кӯҳ намегӯӣ, то ишваи каҳ карда.

Моро на дар ойина дидиву на дар санге,
Пиндоштаи созе, вомондаи оҳанге.
Дар марҳамати дунё овардаи ҳар ранге,
Аз номи саодатҳо бо сулҳи яке ҷанге.

Фасли гулу райҳон ҳам бинмуд хазон чандон,
Н-орист касе гӯяд аз ҳиммати дилбандон.
Рафтӣ зи сари қаҳрат то риштаяки сандон,
Гар номи шикаст омад, гар иллати он дандон.

Модар ба дуои субҳ аз шир сияҳ рӯяш,
Гулро на сабо бурда аз муждаи сад бӯяш.
Аз вақт чӣ мехонӣ дар сатри яке ҷӯяш,
Бе ишқ чӣ мегӯӣ аз ҳуснашу аз мӯяш?!

Дардест, давояшро дар хоби шабат бинӣ,
Иқболу шукӯҳатро то аз насабат бинӣ.
Раҳгумзадаи худро не дар талабат бинӣ,
Чашме накушоӣ ҳам, шояд аҷабат бинӣ.

Мехор ба андеша пушти сари ночорӣ,
Бо васвасаи ёрӣ, бо фитнаи бедорӣ.
Маҳруми дусад нола, вомондаи як зорӣ,
Афсуншудаи дунё, бе номи гирифторӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДОРОӢ

Дигар аз нола бипарҳез, ки ёре дорӣ,
Гули хушрангу муаттар зи баҳоре дорӣ.

Ҳама шабҳо, ки биборид зи ишқаш борон,
Пас аз ин лутф куҷо гарду ғуборе дорӣ.

Нашумурданд туро з-аҳли маонӣ, хуш бош,
Ки ба сад олами маъни на шуморе дорӣ.

Чу ба гарде нахарандат, ба табассум хуш бош,
На дар ин гард савориву саворе дорӣ?

Марав аз нози чароғе, ки бимирад дар шаб,
Ки ту хуршеди дигар ҳам ба каноре дорӣ.

Раҳи андеша ба пиндор ниҳон бояд дошт,
Нигаҳ аз ойина бар хеш на боре дорӣ.

Ғараз аз нағма нигаҳ доштани роз омад,
На ба мизроби қаноат сари торе дорӣ.

## САБР

Нагӯям аз аҷал фарёд, фарёд,
Ки бар лаб аз хамӯшӣ муҳр бинҳод.
Замона ҳамчунин як рӯзро зод,
Ки рафт аз ёд то хоҳам яке дод.

Аҷаб ҳоле насибам гашта, ёрон,
Ҳамесозам ба барфу боду борон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Надонистам, ки номардона ояд,
Ҷигарбанду азизонро рабояд.
Ба ӯ чангу малолатҳо нашояд,
Ба ханда, «хуш биё!» гуфтан бибояд.

Аҷаб ҳоле насибам гашта, ёрон,
Ҳамесозам ба барфу боду борон.

На оби чашм, чун обаш бибурдаст,
На як ғам, чун ба ғамҳояш супурдаст.
Чу себи сурхи шохи боғи мо буд,
Ба пеши чашми олам хуш фишурдаст.

Аҷаб ҳоле насибам гашта, ёрон,
Ҳамесозам ба барфу боду борон.

Суроғашро куҷо гирам, на дар ҷост?
Нишонаш чун диҳам, охир, на пайдост?
Ҳамегуфтем мо шайдои ӯем,
Бидидам, ки басе шайдотар аз мост.

Аҷаб ҳоле насибам гашта, ёрон,
Ҳамесозам ба барфу боду борон.

Зи фарзандам муҳаббатро бидуздид,
Ки ӯро дӯст, моро душмане дид.
Барояш сад ҳазорон гул нишондем,
Вале аз хори боғи дигаре чид.

Аҷаб ҳоле насибам гашта, ёрон,
Ҳамесозам ба барфу боду борон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бибояд сабр созам ман ба ин дард,
Ки шодӣ то насозад боз номард.
Чи гӯям, худ нагуфтан беҳтар ояд,
Ҷаҳон пешаш надорад арзиши гард.

Аҷаб ҳоле насибам гашта, ёрон,
Ҳамесозам ба барфу боду борон.

## НА ИН ЛУТФЕ БУВАД МОРО

Дарида синаи моро, ки масти ёр меоям,
Куҷо бода, куҷо мастӣ, чу он дилдор меоям.

Сафедию сиёҳиро агар аз чашми мо бурдӣ,
Бигӯ, зиндиқаму габрам, ки аз зинҳор меоям.

Матои мо харидоре намеёбад дар ин бозор,
Магӯ ман бар тамошои чунин бозор меоям.

Ғарибам, бекасам, афтодаам дар мулки андеша,
Сало дардеҳ, ки аз он олами пиндор меоям.

Вафо бӯи муҳаббатро чаро беқадр бинмудаст?
Ҷафоро гар намесӯзӣ, бигӯ ҳушёр меоям.

Бизан бар санг он ойинаву аз хеш берун о,
Ки ин кори на ман бошад, чу аз инкор меоям.

Табиби ҳозиқам гӯию бас парҳези ҳар дардам,
На ин лутфе бувад моро, на аз ҳушдор меоям.

Ба афсуни гадоёна бигӯ як ҳарфи шоҳона,
Ки зориро намешоям, агарчи зор меоям.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДАФТАРАМ БОЗ НАШУД

Дафтарам боз нашуд,
Ҳам қалам монд ба ғам.
Ман чи гӯям,
Мани раҳгумзадаи шеър ба пиндори касе,
Бояд имрӯз ба офоқ расам,
Шонаи маърифатам лек шикастаст ба боре бас нам.
Рӯи ашкеву хасе.
Не табиб асту ҳабиб аст,
Не яке ҳодисаи мулки аҷиб аст.
Саргузашти нафасе
Аз яке марди адиб аст.

Инчунин фитна нигоҳам дорад,
Бар сари оҳу гуноҳам дорад,
Бе яке пушту паноҳам дорад,
Бо ҳама сеҳру сипоҳам дорад,
То бигӯям, ки фалак ҳарҷоист,
Дар замин меҳр ҳама бобоист.
В-он гаҳ он гумшудаи дард ба афсуни замон
Гӯяд ин ашк на аз расвоист.

Рафтану омадану омадан аст,
Эй ба себе, ки шикастат доданд,
Хандаро рӯи яке барг ниҳон кун,
Дили пиронаву афсурдаву бемор зи нав
Бар пари зоғи сияҳ софу ҷавон кун.
То ки гунҷишки сафеди нигаҳат
Бинад ин доира саргардон аст,
Не талабгори нафас,
Не харидори яке ҷони ҷаҳон аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Панд гуфта, ки ба банд омадаӣ,
Қанд гуфта, ки сипанд омадаӣ.
Рӯи он оташаки сард бисӯз,
Дидаро сӯи гунаҳ низ бидӯз.
В -он дили гумшуда харгӯш на хун дораду не ҷон,
То бигӯӣ, ки чаро саргардон
Бо ҳама бим шудам,
Бо ҳама ним шудам.

Дафтарам боз нашуд,
Кори имрӯз ба фардо бигузорам?
Не ки он рӯзи Худост?
Ҳам аз имрӯз ҷудост.
Бо яке фаҳми аҷалпоидаи рӯзи сурур
Рӯи бас кибру ғурур.

Дафтарам боз нашуд,
Гар шумо механдед,
Ин қалам мегиряд,
Гар шумо меранҷед,
Бо алам мегиряд,
Боди афсонашунав меояд
В-он дили дафтари ман гарм шавад,
Аз ҳавас нарм шавад.
Ғунчаҳо мегӯянд:
Не баҳор асту на ёр аст.
Не яке гарду савор аст.
Балки имрӯз аз он рӯзи фиреб аст,
Не зимистон бикунад дарку на сардони ҷаҳон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БАҲОИ БЕБАҲО

То ба шаб андеша роҳамро намуд,
То ба рӯз афсона гуфтам аз вафо.
То шиносам хешро аз хештан.
То намак пошам ба сад захми ҷафо.

Офтоб –ин шаҳсавори пири вақт,
Хандаро бар риштаи заррин бибаст,
Гиряро то доми ёде ҳам набурд,
Ноларо дар фаҳми чуғзон хуш шикаст.

Моҳтоб –он золи зар аз фоли зар,
Косаи пуршир бахшидам ба ноз,
То ба ҳукми кӯдакӣ афтам ба ҷӯй,
Дур бошам, дур аз розу намоз.

Модарам аз бод гуфту баргаке,
Ҷилваҳои роҳу мондан зери по
Дар баландиҳои нангу эътибор,
Бо умеди як баҳои бебаҳо.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ХАНДАИ ДАРД

Нолаи мурғаки овора ба гӯшат бирасид,
Аз чу худ ёд накардиву ба бозор шудӣ.
Қимати себ бипурсидиву оҳат бихарид,
Мол аз даст нарафта, ки басе зор шудӣ.
На гирифтор шудӣ?

Дигар аз ин шаби бемоҳ сухан гунг шавад,
Марг оина намояд ба ҳама хандаи дард.
Оташ афрӯхтаӣ, бӯи кабобат бибарад,
Не дигар ашк хабар оварад аз он дили сард.
Ё ки бедор шудӣ?

## ЧОРАГАРӢ

Баски имсол нагуфтам ғазалу пир шудам,
Дур аз чораву андешаву тадбир шудам.
Бар лаби соҳили афсурдаву дар ҳасрати об
Рафтаму дар нигаҳи ҳайрати тақдир шудам.
Бӯи як себаки сурхе ба машомам бирасид,
Фитна дастам бишикасту ғами тазвир шудам.
Падарам гуфт: насиҳат нашунидӣ ба хато,
Ӯ чӣ гуфту зи чӣ рӯ аз ҳама дилгир шудам?
Гарчи беҳтар зи касе омадаам бар сари шавқ,
Пушти ойина вале аз раҳи тасвир шудам.
Нолаи мурғи ҳаворо нашунидам ба шабе,
Бо сазо нолашумори ҳама ин тир шудам.
Гиряи кӯдаки ҳамсоя бишуд чорагарам,
Бо маҳ аз лутфу карам косаи пуршир шудам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# БОРОНИ БАҲОР
# РУБОИҲО

Моро ба замона эътибор аст, биё,
Дар сина диле, диле фигор аст, биё.
Як дам ки баҳори интизор аст, биё,
Ин омаданатро на шумор аст, биё.

Моро ба ҷафо вафо чу омӯхтаӣ,
Дар тирашабон чароғ афрӯхтаӣ.
В-он гоҳ ҳазор хонаро сӯхтаӣ,
То ҳеҷ нагӯем чӣ андӯхтаӣ.

Борони баҳор омаду абри гузарон,
Сад фитна дарам бибаст бо ҳасрати нон.
Акнун ки ишоратам намуда рамазон,
Не ёд зи гушнагист, не додани ҷон.

Афсӯс, афсӯс, не зимистон омад,
Не барфи сафеди ҳасратистон омад,
Ин додани ҷону дил на осон омад,
Бар пастии мо на бом гирён омад.

Рафтию гули вафо нарӯид дигар,
Шаб омаду ҳеҷ рӯй нанмуд саҳар,
Ҳам зоғи сияҳ зи мо набурдаст хабар,
Во ҳасрати зиндагӣ ба ин даври қамар.

Дунё ба вафо нозаду мо бо ғами он,
Гар роҳравӣ, аспи саодат бичаҳон,
Не нони ҷавин монаду не хони шаҳон,
Не фитна ба пушти дар бихандад ба гумон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хоб омаду нақди ишратам бурд зи даст,
Ҳам дурри ягонаро дар ойина шикаст.
Не мири шабам дид ба як зулм ду маст,
Не фитна дари умед бар рӯй бибаст.

Коғаз накунам сияҳ, ки дил нест сафед,
Ҳам ёди самар намерасад ҳеҷ ба бед.
Дар хок накиштаам яке дони умед,
Фарёд зи борон шунавам, шиква зи шед.

Бод омаду бод омаду бод омаду бод,
Шод омаду шод омаду шод омаду шод.
Не хирмани андешаву не донаи ёд,
Ойина шикасту санг аз даст фитод.

Шармандаи боронаму ғамдидаи бод,
Не дона маро мондаву не хоки ниҳод.
Фарёд даруни синаам хоста дод,
Ин ҳодисаро модари дунё зи чӣ зод?

Боз омадаму хона гирифтам лаби ҷар,
Бо ин лаби хушку ҳасрати дидаи тар.
Маҳтоб ба ҳайратам назар кард, назар,
Яъне ки зи гирудори дунё бигузар.

Аз баҳри Ватан нисори ҷон осон аст,
Зеро ки Ватан азизтар аз ҷон аст.
Бе меҳру муҳаббаташ набошӣ муъмин,
Он пораву нек пораи имон аст.

Хуш вақти касе, ки дар Ватан мегузарад,
Бо савти ҳазор дар чаман мегузарад.
Бо дидани бас сарву суман мегузарад,
Бо шукри сафои ҷону тан мегузарад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй он ки шароби офият нӯш кунӣ,
Гулро зи нишот дар баногӯш кунӣ.
Бо ҳар кӣ расид, даст дар оғӯш кунӣ,
Моро ба ғами ҷаҳон фаромӯш кунӣ.

Дунё ки агар вафо надорад, чӣ кунам?
Дасти караму сахо надорад, чӣ кунам?
Бар дарди дилам даво надорад, чӣ кунам?
Зар дораду як баҳо надорад, чӣ кунам?

Дунё, ба нигаҳ фиреби зебо дорӣ,
Ойина ба дасту ҳусни раъно дорӣ.
Худро ба карашмаҳо чӣ савдо дорӣ,
Бар ҷумлаву хеш ҳам тамошо дорӣ.

Ойина зи дасти гулъузорам бифитод,
Омад дилаки шикастаам боз ба ёд.
Не ғам бинамудаму на он чеҳраи шод,
Як номаи ҳасратам ба рӯяш биниҳод.

Эй миллати озода, муборак Ваҳдат,
Эй бахти худодода, муборак Ваҳдат.
Бо бодаи тавҳид бақо мебахшад,
Нӯшида аз ин бода, муборак Ваҳдат.

Бишнохтаӣ агар мақоми Ваҳдат,
Ояд ба нигаҳ ҳама мароми Ваҳдат.
Дил мужда биёрад ба саломи Ваҳдат,
Хуш бош, насибат шуда ҷоми Ваҳдат.

Меой ба ҷон ба сарзамини Ваҳдат,
Бишнос яке мазҳабу дини Ваҳдат,
То гум накунӣ ту он нигини Ваҳдат,
Рӯзе нашиносӣ ҳам яқини Ваҳдат.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гулҳо бишкуфта хуш ба боғи Ваҳдат,
Бас дидаву дил хоста роғи Ваҳдат.
Аз бӯи гулаш бирав суроғи Ваҳдат.
Рӯшан бикунад раҳат чароғи Ваҳдат.

Бо Ваҳдату иттиҳод олам гирем,
Бе Ваҳдату иттиҳод дар худ мирем.
Бо Ваҳдату иттиҳод монем ҷавон,
Бе Ваҳдату иттиҳод пири пирем.

Аз чашмаи ҷонфизои Ваҳдат нӯшем,
З-ин оби лазизи бошафоъат нӯшем.
Аз баҳри саодату бақои миллат
То рӯзи ҳисоб, то қиёмат нӯшем.

Ваҳдат моро ба сад азият омад,
Бо ин ҳама аз лутфу саодат омад.
Чун гавҳараки чашм азизаш дорем,
Аз баҳри Ҳақ ин гавҳари қимат омад.

Ваҳдат сабаби ҳастии олам бошад,
Осоиши ҷону тани одам бошад.
Аз ҷомаш агар нӯш кунӣ як қатра,
Беқадр ба чашм Ҷому ҳам Ҷам бошад.

Ваҳдат ба дилу дида асар мебахшад,
Бар шохаи хушк ҳам самар мебахшад.
Аз баҳри ҳақоиқу саодат умре
Бо лутф ҳама дурру гуҳар мебахшад.

Ваҳдат ба бақои мо сабабгор шавад,
Бо ӯ ду ҷаҳони Ҳақ ба мо ёр шавад.
Ҳар шохаи боғи миллати озода
Зебо зи гулу азиз аз бор шавад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Пирӯзии ақлу адл омад Ваҳдат,
Бикшодани мулки фазл омад Ваҳдат.
Миллат, ки ба асли хеш роҳе меҷуст,
Дарёфт, ки роҳи асл омад Ваҳдат.

Бо Ваҳдати миллат эътиборе дорем,
Ғамхору азизу нек ёре дорем.
Гулҳои вафову меҳри мо ранги ба ранг,
Дар дидаву ҷону дил баҳоре дорем.

Дар боғи вафо агар ки хоре бинӣ,
Бо хандаи гул ба эътиборе бинӣ.
Чашме бикушо ба шукр аз ҷон як дам,
То лутфу карашмаву нисоре бинӣ.

Ман мегуфтам баҳори мо мегузарад,
Дарё ба хурӯш беибо мегузарад.
Дидам, ки ба як лутфу вафову карамаш
Орому ҷигарреш бало мегузарад.

Андеша маро ба имтиҳон меорад,
Сармасту ғазалхону давон меорад.
Дур аз назари пиру ҷавон меорад,
Берун зи ҳисоби сад замон меорад.

Мегиряму дар гиряи худ механдам,
К-аз боми баланди ишқи ӯ нафкандам.
Аз дур вале ба ноз гуфтам: ҳай-ҳай,
То чун камари ҳиммати роҳаш бандам.

Эй дил, ки ҳавои ёр дорӣ, дорӣ,
Бар даргаҳи ӯ бишину бинмо зорӣ.
То бӯ, ки бубинӣ ту дар аввал хорӣ,
В-он гоҳ ба ёрияш намояд ёрӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Андешаву андеша ҷигаррешам кард,
Бо хоҳари дунёи данӣ хешам кард.
Дар чашми халоиқ ба камӣ бешам кард,
Дин бурд ба меҳру дур аз кешам кард.

Андеша ба бозори ғарибон бурдам,
Бо ҳасрати обу пораи нон бурдам.
Аз лутфу карашмаҳои бас хон бурдам,
Дар як нафасам ба кандани ҷон бурдам.

Гуфтам, ки ҷаҳони бевафо пир шудаст,
Монанди камону ҳасрати тир шудаст.
Гуфто, ки ба хештан қиёсам то кай?
Андеша намо чаро на дилгир шудаст.

Аз боми баланди бевафоӣ гуфтӣ,
Бо лутфу ҳисоби ошноӣ гуфтӣ.
Дар рӯзи ҷудоӣ ба ҷудоӣ гуфтӣ,
Гӯё ки ба илҳоми худоӣ гуфтӣ.

Имрӯз маро дарси вафо омӯзанд,
Бо санги шикастаи ҷафо омӯзанд.
Аз валвалаҳо бо ду бало омӯзанд,
То номи сафо, номи сафо омӯзанд.

Бо лолаву райҳони Ватан менозам,
Бо лаъли Бадахшони Ватан менозам.
Бо оби мусаффову муҷалло доим,
Бо гавҳари имони Ватан менозам.

Шодам, ки ба ҷону дил Ватан мегӯям,
Аз лолаву райҳони Ватан мебӯям.
Дар роҳи саодати Ватан мепӯям,
Дар боғи муҳаббати Ватан мерӯям.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бо зикри Ватан баҳори ҷон месабзад,
Ҳар як рагу мағзу устухон месабзад.
Ҳам шохаи хушкидаи имону умед,
Дар боғи саодати ҷаҳон месабзад.

Бо н-омадагони даҳр савдо дорӣ,
Эй он, ки ба зулму ҷабр дунё дорӣ.
Андеша на аз олами уқбо дорӣ,
Як хона хиёлу ҳарфи анқо дорӣ.

Шом омаду шом омаду шом омаду шом,
Мурғак ба карашмае парид аз сари бом.
Ҷустанд ба бечорагӣ аз мурғак ном,
Бар ёд наёмаду наёмад дар дом.

Моро ба саодати саҳар меҷӯӣ,
Бо ҳарфи муаммои башар меҷӯӣ.
Гӯё, ки бад-ин фитна назар меҷӯӣ,
Дар бехабарии худ хабар меҷӯӣ.

Эй хок, зи борони вафо мегӯӣ,
Бо нашъунамо, нашъунамо мегӯӣ.
То фаҳм насозем чиҳо мегӯӣ,
Бо лутфу муҳаббати Худо мегӯӣ.

Дурему зи дурият агар нола кунем,
Як нимашабе нолаи садсола кунем.
Доғе ба даруни сина чун лола кунем,
Ёде зи баҳору арзи бас жола кунем.

Аз сӯи шумо бӯи вафо меояд,
Ё бӯи вафо худ зи шумо меояд.
Бо марҳамату лутфи Худо меояд,
То рӯзи ҷазо, рӯзи ҷазо меояд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз шохи чанор агар анорам додӣ,
Не як, на дусад, на бешуморам додӣ.
Бо рангибарангии баҳорам додӣ,
Дар соли умеду интизорам додӣ.

Мо ҳам ба замона як ҳисобе дорем,
Бо лутфу муҳаббаташ хитобе дорем.
Дар фаҳми касон агар китобе дорем,
Бо ҷумла ҷаҳон бас изтиробе дорем.

Ин ҷо нафас аз фаҳми ҷавонӣ сард аст,
Рухсораи арғувонии мо зард аст.
Дард асту ба дармонии садҳо дард аст,
Гард асту бурун гашта аз он як гард аст.

Рафтему нагуфтем, ки фарёд аз ту,
Аз қаъри замин то ба фалак дод аз ту.
Моро на муродеву на имдод аз ту,
Бечора диле ҳеҷ нашуд шод аз ту.

Рафтиву саодати башарро бурдӣ,
Меҳру нигаҳи шому саҳарро бурдӣ.
Аз баҳри муҳаббатат гуҳарро бурдӣ,
Ҳам равнақи сад илму ҳунарро бурдӣ.

Дар хонаи мо буд бало, ҳеҷ нарафт,
Бо фитнаи рӯзи Карбало ҳеҷ нарафт.
Аз тарси саодати хало ҳеҷ нарафт,
Бо марҳамати лутфи сало ҳеҷ нарафт.

Модар, модар, саодати мо будӣ,
Дурру гуҳари муҳаббати мо будӣ.
Рафтиву ба як узр надода фурсат,
Дар ранҷу азобу меҳнати мо будӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гуфтӣ, ки ба ҷон ҳазор борам ҷустӣ,
Не, не, на ҳазор, бешуморам ҷустӣ.
Бо гиряи абри навбаҳорам ҷустӣ,
То фасли хазони эътиборам ҷустӣ.

Аз ишқ магӯ, ишқ магӯ, ишқ магӯ,
Моро ба раҳи меҳру вафо ҳеҷ маҷӯ.
Гар хок шавӣ, хок шавӣ, хок шавӣ,
Чун лола ба фавҷи оташу доғ марӯ.

Эй рафта зи дунёи муҳаббат берун,
Дар дида на оташ асту дар дил не хун.
Гуфтӣ, ки ба ҳоли хеш бошам акнун,
Чунӣ ту бигӯ, бигӯ, ки чунӣ, худ чун?

Шом асту зи занги дар садо меояд,
Ёд аз ту ҷудо, ҷудо-ҷудо меояд.
Бо рашки Замину ҳам Само меояд,
Бо номи Худо, Худо, Худо меояд.

Бе меҳри Ватан ҳеҷ касам, ҳеҷ касам,
Форам нарасад ба як замоне нафасам.
Бар кӯи саодату муроде нарасам,
Андар дами боди сарди дунё чу хасам.

Сад шукр кунам ба ҷон, Ватан обод аст,
Бо меҳру муҳаббаташ дили мо шод аст.
Ин ҷо ҳама хушбахтию адлу дод аст,
Аз ранҷу аламҳо ҳама кас озод аст.

Гулҳои Ватан бӯи саодат доранд,
Сад ранг зи дунёи муҳаббат доранд.
То рӯзи қиёмат ба қиёмат доранд,
Бе ҳеҷ шаке бин, ки кароматдоранд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бо номи Ватан ҳазор ҷон меёбам,
Гулҳои шукуфта ба хазон меёбам.
Аз ишқ яке боди вазон меёбам,
Бас лутфу муҳаббати замон меёбам.

Сад шукр, маро меҳри Ватан дар дил ҳаст,
Андар дили ӯ маро яке манзил ҳаст.
То рӯзи қиёматам дусад маҳфил ҳаст,
Ҳам нақши саодатам дар обу гил ҳаст.

Сад шукри Ватан ба ҷашни истиқлолаш,
Бар рӯзи ҳумоюну накӯ иқболаш.
Бар хуррамии пиру ҷавонаш яксар,
Бар шавкату бар равнақи беамсолаш.

Ойинаи неку пурҷило истиқлол,
Ҳам рамзи саодату сафо истиқлол.
Чун дурри ятиму бебаҳо истиқлол,
Худ лутфу иноятиХудо истиқлол.

Эй миллати озода, ба истиқлолат
Сад шукри Худо, нек шуда аҳволат.
Сад аср чунин тозаву хушрӯ монӣ,
Чашме нарасад ҳеҷ ба ин иқболат.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДУРӢ

Аз ту дурам, аз ту дурам, эй сияҳчашми вафоҷӯ,
Бо ҳама ранҷу маломат, бо ҳама ашку надомат
Омадӣ аз растаи гул, омадӣ бо дастаи гул
Шаб ба хобам, то нанолам, то нанолам дар қиёмат.

Раъд шоҳид буду абру барқу нури дар муфоҷо,
Ҳасрати борону моҳи шишта дар зеҳни кабутар.
Олами хомӯши хомӯш, чашмаи пурҷӯши пурҷӯш,
Хонаи вайронаву афсонаи дар ашкҳо тар.

Гар на фардо интизорӣ дошт аз боғу шукуфтан,
Осмон хуршедро бар пешвозат раҳнамун буд.
Хандаҳоят ҳамчу барги гул ба пояндоз мерехт,
Ҳам як он ойина пешат бас забуну бас забун буд.

Не сухан гуфтию не аз рафтаҳо ҳарфе ба сарвақт,
Не нигоҳе монда аз он як гуноҳи рӯи роҳам.
Ҳамраҳи худ он баҳори тозарӯро бурда шодон,
Бо ғами дерину шарми кину рӯзи тирамоҳам.

## ФАРЁД

Рӯиҳамрафтаи сад фарёдам,
Азназармондаи як имдодам.
То ки аз пояи андешаи худ
Бо гумони нафасе афтодам.

Номаро бӯи парешонӣ хонд,
Оят аз хеш ду оҳеро ронд.
Кӯдаки фитнадароғӯш бимурд,
Фитна дар сурати ӯ лек намонд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз фиғон асбаки чӯбӣ дидам,
Хори раҳро чу гуле хуш чидам.
Пардаи шарму ҳаёи ботин
Бар саропардаи худ бидридам.

На як афсона суроғе будам,
На яке меваи боғе будам.
На ба сардии зимистони вуҷуд
Қосиди оташу доғе будам.

Гиря дастам ба таманно бигрифт,
Ханда дар сояи паҳно бигрифт.
Бе тааммул ҳама дар ҳам печид,
Кор аз сидқ ба савдо бигрифт.

Рӯиҳамрафтаи сад фарёдам,
Азназармондаи як имдодам,
То ки аз пояи андешаи худ
Бо гумони нафасе афтодам.

**ҲУШДОР**

Эй ки барӣ ҷома ба миқрози ғам,
Як назаре кун ту ба ин як-ду дам.

Тути нигоҳат ки фитод аз дарахт,
Фаҳм бисозӣ, ки замин аст сахт.

Ҳасрати дунё ба тамошо барӣ,
Чун на яке дурри маонӣ харӣ.

Дарки суроғат надиҳад ҳеч, ҳеч,
Пас ба сари пунбаву оташ мапеч.

Абр на дуд аст, на суд ин замон,
Донаи уммед ба ашке фишон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ИЗҲОР

Дигар ин нуктаро бар ошноён ҳам намегӯям,
Ки савганде ба зери санги андеша ниҳон кардам.
Даме чун судро қурбони чашми бе нигаҳ диданд,
Ба фаҳми хештан бар дил зиён андар зиён кардам.

Биё зангӯлаҳоро аз садои худ бурун н-орем,
Ба доди мо ки як дон андар ин хирман нахоҳад руст.
Ду дасти пурнамакро гар ба хун олуда месозӣ,
Ду пои дардмандатро ба обе худ нахоҳӣ шуст.

Ишоратҳои бепоён дар ин хона наёбад кас,
Зи ҳарфе чун ба маъно роҳ меёбанд бе озор?
Агар ки шохи тутеро бияфшонӣ, нахоҳӣ хӯрд,
Чу сад тир аз бало дар сина меёбӣ ба як изҳор.

## ТАҚДИМ

Фаромӯшӣ зи ёдам рафту мондам бар сар роҳе,
Ба ҳолам сад тамасхур дошт андар фаҳми худ оҳе.
Зи беморӣ садоям кард молеву ғами ҷоҳе,
Ки гар гӯшаш насозам, меравам бар бод чун коҳе.

Гумон дар рӯ ба рӯям ҳикмати пирона ёдам дод,
Ки бошам бо сияҳчашмони олам шоду пур ҳам шод.
Бисозам хуш ба зулми золиму рӯзе нахоҳам дод,
Бихандам, нур пошам ҳамчу хуршеди ҷаҳон озод.

Китоб аз даст афтоду баҳои сад таманно шуд,
Чароғи зулматам мурду ба дил доғе аз он ҷо шуд.
Гули чашмам табассум карду рӯи сад тамошо шуд,
Фиғони бекасиям аз раҳи ойин на боло шуд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дуо чун мурғи анқое ба кӯҳи маърифат дар хоб,
На пое, ки равам роҳу на фурсат, ки кунам дарёб.
Яке абре пароканда ҳамегӯяд маро «биштоб!»,
Шикебоӣ вале аз машки беобӣ бибахшад об.

Асоратро намедонанду таънам мешавад бисёр,
Ки андар тахти ҳасратҳо нагардам аз чи ҳам бедор.
Намегӯям, ки дурафтодаам, гардидаам безор,
Гуле бояд биёбам, як гули бишкуфтаи бехор.

## ТАЛОШ

Харе, к-аз шер дар ҳоли гурез аст,
Чи медонад ҷаҳон андар ситез аст.

Ба чашмаш оламе арзиш надорад,
Ки фаҳмад абр баҳри ӯ наборад.

На пое ҳамчу оҳу шуд насибаш,
На ин шери жаён гашта ҳабибаш.

Аҷаб дорад, аҷаб аз сарнавишташ,
Зи деҳқону зи обу дону кишташ.

На боре рӯи пушти хеш дорад,
На амр аз шоҳу аз дарвеш дорад.

Валекин туъмаи шери жаён аст,
Чи ҳикмат андар ин бозӣ ниҳон аст?

На гургаш чашм боре дӯхт бар ӯ,
На фахре дошт ҳам аз зӯри бозӯ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба он бечорагӣ бо обу коҳ сохт,
Баду неки замонро ҳеч нашнохт.

Агар фахр аст сайди шер будан,
Чаро дандон ба ин гаҳ боз судан?

Наёбад ҳоли ӯро ҳеҷ шере,
Талоши гушнашереро на сере.

## СУД

Биё аз меҳр ҳарфи тоза гӯем,
Наву зебо, баландовоза гӯем.

Ба тавсифи чу худ ҳам дил набандем,
Ба риши хеш то ногаҳ нахандем.

Агар чашми хирад бикшода гардад,
Ба роҳи рост кас озода гардад.

На рӯзаш мефиребад, не шаби тор,
На тарс ӯро ба дил ояд зи ағёр.

Ба афсона набандад дил аз он пас,
Наёрад кӯҳро болои як хас.

Зи чашму рӯву зулфу шона гуфтем,
Зи ранҷу оҳу обу дона гуфтем.

Чароғи бахти мо бе нур гардид,
Вафову меҳр аз мо дур гардид.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гунаҳ бо амри мо болонишин шуд,
Сари бечорагӣ андар замин шуд.

Гирифторӣ баҳои бебаҳоист,
Чӣ пурсӣ он куҷоӣ, ин куҷоист?

Чу хуршедат ба пушти абр дидӣ,
Гули уммедро бе вақт чидӣ.

На суде бурда худ аз зиндагонӣ,
На фаҳме, ки чунин умре намонӣ.

Ду дасти ҳимматат гар нест боло,
Биёву фитнаро беранг бинмо.

Ки шират бо сиёҳиҳо наҷӯшад,
Гумонатро ҳақиқатҳо напӯшад.

Баҳорат бо хазон ояд аз ин дам,
Баҳоят кам бигардад, дил пур аз ғам.

## БАҲОРГУНА

Эй омада шаб баҳоргуна,
Яъне ки на як, ҳазоргуна.
Дилро хабаре дигар набошад
Аз лутфи нигаҳ шароргуна.
Бигзор ба чашми кас наёяд
Ин хонаи мо мазоргуна.
Аз гарди шаҳиди ишқ гӯӣ
Ногоҳ расӣ саворгуна.
Рӯзе, ки шароби асл нӯшам,
Ҷон меравадам нисоргуна.
Моро ба вафо чи кор бошад,
Меёр ҷафои ёргуна.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Охир ба ҳисоби худ расидӣ
Бо гиряи бешуморгуна,
Аз шеъри тарам чу барқ рафтӣ
Бо зулмати худ шиоргуна.

## ГИРЯ

Чи чашмӣ, ки намегирйӣ
Дар ин гирдоби зулмонӣ?
На нуреро ҳамедонӣ
Дар афсуни парешонӣ.

Мусибат бо ҷаҳон ёр аст,
Дареғи ашк медорӣ.
На нафъи донише орӣ,
На афсӯси гирифторӣ.

Ба хушкиҳо башоратдеҳ,
Зи зориҳо намегӯӣ,
Яке доғе намешӯӣ,
Чу чун пурхун намерӯӣ.

На дида оташе он сӯ,
На марзи ишқро хоҳон.
На моҳе мерасад тобон,
На хуршед аз шабу исён.

Каломи Ҳақ ба ҷойе монд,
Нигоҳи норасо бар дар,
На симурғ асту не як пар,
На азми бар сафар ёвар.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чӣ чашмӣ, ки намегирйӣ
Пайи ободии худ ҳам?
Бибояд сохт бе як нам?
Бибояд раст аз сад рам?

Талабгори ҷудоиҳо,
Чӣ рӯзе мерасад аз пас?
На монда рӯи мижгон хас
На аз раҳ мерасад ҳам кас.

## ТАВБА

*(манзума)*

### Оғоз

Илоҳо, худ кушояндай забонӣ,
Фурӯзандай чароғи дӯстонӣ.

Буруни аз ҳама авҳоми мардум,
Ба номат ин дилам гум мезанад, гум.

Ки покию ба покӣ ёд кардат
Замину осмону аҳли  дардат.

Саногӯ ҳамчу ман гарчи ҳазор аст,
Саноро аз ту худ он эътибор аст.

Ту омурзандаи садҳо гуноҳӣ,
Ту моро қуввату пушту паноҳӣ.

Ту аз мо тавбаро хуш мепазирӣ,
Ту танҳо беназиру беназирӣ.

Дигар маъбуд ғайрат дар ҷаҳон нест,
Ба мислат холиқи кавну макон нест.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ту бо ҳикмат, ту ғолиб он Худоӣ,
Ту бе чуну ту бе чанду чароӣ.

Итоат бар туву ҳам бар ҳабибат
Намоям, ки намоиям қарибат.

Агар ин давлати қурбат биёбам,
Ба ҳар зарра ба сӯят мешитобам.

Шитобе аз сари сидқу сафоҳо,
Агарчи худ ҳамегӯӣ маро о.

Намоям амр, чун амрам намудӣ,
Маро ғамхортар аз ман ки будӣ.

Чи амре? Амри маъруф бар ҷаҳоне,
Ба лафзеву ба маънову ба ҷоне.

Нахуст аз тавба бикшоям забонро,
Намоям роҳ то ин раҳравонро.

Бигирам даст, баски дастгирӣ,
Ба заъфу нотавониҳову пирӣ.

I

Туро чун тавба худ оғози роҳ аст,
Бубин раҳ, в-ар набинӣ, бас гуноҳ аст.

Яке роҳи саодат ҳаст дар пеш,
На беш асту ба ноаҳлӣ маяндеш.

Саодатро агар ки фаҳм созӣ,
Дилу ҳам дида дар ин раҳ бибозӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба лутфу ишқ по дар раҳ гузорӣ,
Зи ёр ояд ҳидоят, низ ёрӣ.

Ба чашми дил бубинӣ бас ҷаҳонро,
Ба ақли асл дарёбӣ замонро.

Чу ёд аз ғафлати пешин намоӣ,
Бидонӣ кардаӣ бас бевафоӣ.

Барои нур шукр аз ту наёмад,
Вале хуршед хуш, хандон баромад.

Ба ҳангоми ғурубаш дил пур аз хун
Бигардиду нагуфт: ин чуну он чун.

Ҳазорон сол баҳри одамизод
Саҳаргоҳон баромад хурраму шод.

Ба як лаҳза набуд аз хизматаш дур,
Ҳаме гармӣ бибахшиду ҳаме нур.

Бияндеш аз маҳу  исторагонаш,
Бияндеш аз ҳама оби равонаш.

Ба бод ар бингарӣ, бодат ҳалолат,
Ба хок ар бингарӣ, бахшад ҷамолат.

Ба оташ рӯй орӣ ар ба дониш,
Биёбӣ лутфу меҳру ҳам навозиш.

Ба худ бингар, чи хуш як суратат дод,
Ба додат ҳам расид ӯ низ бе дод.

Бияндешӣ куҷо будию ҳам чун?
На андеша туро буду на дил хун.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Зи хоки тираву бадбӯй ин раҳ,
Чӣ сон донистаӣ, дар худ шаҳаншаҳ?

Туро дар беҳтарин сурат биёвард,
Набуд дар рӯи шират ҳеҷ як гард.

Либосу ҳам ғизоят дод бегуфт,
Ҳама дарди дилат ногуфта бишнуфт.

Ҳазорон санъату фан баст дар кор,
Ки модар бар ту меҳр овард бисёр.

Падарро аз ту гашта чашм равшан,
Зи бад андар танат ӯ гашт ҷавшан.

Бародар гашт неруят ба олам,
Ки то дил шод бошад, шоду бе ғам.

Ҳазорон гул ба рӯят гашт хандон,
На аз худ, балки он аз амри Раҳмон.

Шароби офиятро нӯш созӣ,
Бубинӣ офаринишро ба бозӣ.

Замони кӯдакият пушти сар шуд,
Ҷавонӣ ҳам аз ин хона бадар шуд.

Даратро мезанад пирӣ ба ночор,
Намегардӣ чаро аз хоб бедор?!

Агар хуршед аз мағриб барояд,
Зи дастат худ чи коре дигар ояд?!

Пушаймонӣ дигар суде наёрад,
Бубин, обе яке рӯде наёрад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Агар ҳам мегазӣ лабро ба дандон,
Раҳоӣ нестат аз чоҳу зиндон.

Бароят чун замон дигар нагардад,
Ҷаҳон некуву ҳам дилбар нагардад.

Зи чашмонат агар ки хун бирезад,
Ҳама хоки вуҷудат даҳр безад,

Набинӣ шедро аз шарқ хандон,
Бимонӣ инчунин тарсону ларзон.

Бисозӣ тавба гар сад бору сад бор,
Намесозад қабулаш, эй гунаҳгор.

Саропо чун гуноҳӣ, чун гуноҳӣ,
На андар фикри манзил, не ба роҳӣ.

Агар гуфтӣ, ки аз хосони ӯӣ,
Шавад маълуми мардум ин дурӯӣ.

Ҳама макру фиребат оташафзост,
Вале шайтон ба чашмат хуш биёрост.

Биёндешу биёндешу биёндеш,
Ки дил хун мешавад он дам, ҷигар реш.

Намеояд зи сӯе ҳеҷ ёрӣ,
Биё имрӯз зорӣ кун, ту зорӣ.

Заминат дод, то ки дон бипошӣ,
Зи рӯзи дигарат ғофил набошӣ.

Агар бо тавба бар роҳаш бароӣ,
Суруди бахти худро хуш сароӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба хушбахтӣ калидаш низ хонданд,
Сухан дар боби он бисёр ронданд.

Ки то бошӣ муриди поктинат,
Шиносӣ роҳу донӣ асли динат.

Ба ҷаҳле гар биёрӣ рӯй, чоҳ аст,
Ба чашмонат агарчи нек роҳ аст.

Надонад фарқи чоҳу роҳ ғофил,
Куҷо донистане, ҳам ҳаст коҳил?!

II

Дареро гар зи тавба боз бинӣ,
Макун таъхир, то ки гул бичинӣ.

Чӣ гул? Он як гули мақсуду зебо,
Намеёбӣ варо аз боғи дунё.

Яке боғест неку парварида,
На ҳар чашме варо аз ҷон бидида.

Нигоҳи меҳру ихлос ар наёрӣ,
Наёбӣ дар раҳат ҷуз шармсорӣ.

Намедонӣ агар роҳаш чи роҳ аст,
Туро ҳосил на гандум, коҳу оҳ аст.

Магӯ аз бахти ман ҳосил набошад,
Ки хос ин ҳарф бар оқил набошад.

Агар ки тавба бинмоӣ, Худоят
Бигардад раҳнамову раҳнамоят.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бубинӣ нурро андар вуҷудат,
Биёрад фатҳу эҳсон ҳар суҷудат.

Худованде, ки Раҳмону Раҳим аст,
Ҳакими лам язал, неку Наим аст.

Бидорад дӯстат, эй бандаи пок,
Шараф бахшад зи хокат то ба афлок.

Худоро дӯст бошӣ, дӯст бошӣ,
Зи тухми меҳр дар мазраъ бипошӣ.

Чи лутфу меҳрубонии зиёд аст,
Гунаҳ чун коҳу андар ҳукми бод аст.

Чи боде? Боде аз амри Худованд,
Ба ҳукми ӯ ҳама меҳр асту дилбанд.

Чунонаш мебарад, ки кас набинад,
Агар бинад, ҳама як «на» бубинад.

Ба ҳайратҳо назар созад ба олам
Аз он пас,  шодӣ ояд ҷойи сад ғам.

Бигӯӣ, ки накарда як гуноҳе,
Зи тифлӣ дидаӣ ин нек роҳе.

Яке роҳе басе пурнуру ҳам рост,
Худо бар лутфу меҳраш чун туро хост.

Тариқатро дар ин раҳ мешиносӣ,
Ҳақиқатро дар ин раҳ мешиносӣ.

Ба ёд овар мусофирро ба ночор
Ба роҳи пурхатар мерафт, зинҳор.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Биёбон дар биёбон буд он роҳ,
Ғизову об буд ӯро фақат оҳ.

На маркабро тавони бори ӯ аст,
На дар раҳ аз карам кас ёри ӯ аст.

Гаронтар бори ӯ аз ноумедист,
Ба анҷоми шабаш не як сафедист.

Ба ин ҳикмат касе пай мебарад, пай,
Ки тай кардаст ними роҳро, тай.

Шитобаш пушти сар мондасту ёде,
Зи рӯи меҳрубониҳову доде.

Шутур аз роҳ рафта, чашм дар хоб
Ғизо бинад, ғизо, ҳам коса пуроб.

Бигӯяд: ин чи асрор аст, асрор?
Ки гаштам дӣ ҳалок аз ранҷи бисёр.

Набошад ин замонам тарҷумоне,
Бигӯяд то чи мулк асту замоне.

На маргамро талабгорӣ намудам?
На худ аз зиндагонӣ сер будам?

Ғалат кардам, ки он не зиндагӣ буд,
Ки бе як бандагӣ шармандагӣ буд.

Чу бедорӣ биёбад боз он дам,
На ранҷаш бинаду не оҳу не ғам.

Шутур дар пеши ӯ пурбору пурбор,
Ғизову обаш он гаҳ ҳаст бисёр.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Забонаш банд мегардад зи шодӣ,
Ки гӯяд: Ё Раб, инро худ бидодӣ.

Агар маргам расидӣ, марги бад буд,
Ба чоҳам оташу бас деву дад буд.

Берун меномадам аз ғафлати хеш,
Дилам дар оташи нафсу ҷигар реш.

Ба фарёдам яке фарёдрас нест.
Зи хирман чун бигӯям, чунки хас нест?

Ба фазли худ раҳо кардӣ маро зуд,
Аз ин чоҳи пуроташ, ҳам пур аз дуд.

Ту худ гуфтӣ намоям тавба он гаҳ,
Надидӣ варна чашм аз абр ин маҳ.

Чи моҳе? Моҳи рахшанда ба олам,
На беш ояд, на гоҳе мешавад кам.

Чунин маҳро фақат покон бубинанд,
Чу бо покони олам ҳамнишинанд.

Ба роҳу раҳбари шоиста доранд,
Зи меҳру ишқ бар дил тухм коранд.

Ба мӯре не яке озор хоҳанд,
На гармиҳои сад бозор хоҳанд.

Аз он ки банда андар тавба омад
Яке хуршеди бахташ хуш баромад.

Намояд шодию донад, ки шодӣ
Ба асл асту на чун пешин зи боде.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бубинад, Ҳақ аз ин шодии ӯ шод
Бишуд, арчи варо он худ ба ҳақ дод.

На шод, ин ки аз ӯ ҳам шодмонтар,
Бигӯяд аҳсанаш олам саросар.

III

Ҳамепурсӣ, бародар, тавба чун аст,
Магар аз мулки хоҳиш он бурун аст?

Чӣ сон бар асли он мо раҳ биёбем,
Ки бас саргаштаву андар шитобем?

Ба ӯ мо рӯй чун орем, чун рӯй?
Чу пеши рӯй ҳам абр аст, ҳам ҷӯй.

Ҳақиқат пушти бас парда ниҳон аст,
Фалак дар гардишу ларза ба ҷон аст.

Гумонҳо раҳзани андеша бошанд,
Ҳама ин решаҳоро теша бошанд.

Умед охир на бар нашъунамо аст.
На бар гул, не ба баргу не сабо аст.

Ҳисоби кор бас печида ояд,
Ҳазорон парда бар ин дида ояд.

Ҳавои меҳрубониро надонем,
Зи барги маърифат сатре нахонем.

На бар дил нури ин хуршеди тобон
Битобад, раҳ биёбад низ осон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳазорон заҳри муҳлик рӯи хон аст,
Зи маргу ҷонканиҳо тарҷумон аст.

На фаҳми он ки оби чашм орем,
Худиро бар Худо неку супорем.

Қиёмат меравад бисёру бисёр,
Зи кӯрӣ не аз онем мо хабардор.

Аҷал шӯридаи хоки ъаҷал ҳаст,
Ъамал афсуну побанди амал ҳаст.

Ба дунё дил бубастем аз ҷаҳолат,
На раҳ бар асл донем аз асолат.

Дар ин шӯридагӣ не шӯр пайдост,
На овозеву не чашме ҳувайдост.

На раҳ бар маънии олам, на одам
Бибурдем аз ҷаҳолатҳову аз ғам.

На он ғам, ки раҳоӣ ҳаст аз он,
Занад ханҷар чу душман бар дилу ҷон.

Тарраҳум аз чунин душман наояд,
На аз ин ғарб хуршеде барояд.

Чу кӯҳ асту надорад ҳеҷ ганҷе,
Самар н-орад дар ин ҷо ҳеҷ ранҷе.

Агар ҷон месупорӣ, ҷони ширин,
На дунёят бубахшад, не ҳам ин дин.

Шикоятҳо куҷо оят бигардад?
Фақат хармуҳраи одат бигардад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бияндешӣ агар аз дурии худ,
Аз он зиштӣ, аз он мастурии худ.

Ба зориҳо бигӯӣ: Эй Худованд,
Раҳо кун аз дусад бандам, дусад банд.

Пушаймонӣ дари дил мезанад бас,
Гунаҳ бисёр кардию дигар бас!

Зи хоби ғафлат ар бедор гардӣ,
Аз он чи кардаӣ, безор гардӣ.

Зи дуриҳо накардам як ҳикоят,
Ҷудоиро набахшидам шикоят.

Дигар хуршеди умрам менишинад,
Шабам гулҳои сурхи ӯ бичинад.

Ба ашку зориям дарёб, дарёб,
Ки ман ноошноям, дар табу тоб.

Зи қурбат ин ҳама андеша дорам,
На аз ғурбат дигар як пеша дорам.

Бигӯӣ, тавба бинмо, тавба кардам,
Ба ранҷи сӯхтан, бо доғи дардам.

Аз ин садҳо парешонӣ нигаҳ дор,
Ки ман ҷуз  ту надорам ёри ғамхор.

Маро бар ман набигзорӣ, Худоё,
Маро бар ман набиспорӣ, Худоё.

Ба имон нуру бас тобандагӣ аст,
Чи лутфу бас карам дар бандагӣ аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чи нуре? Нури ирфон, нури ирфон,
Биёбад зиндагии тоза инсон.

Гуноҳу заҳр аз он пас мешиносад,
Ки кӯҳу ҷумлаи хас мешиносад.

Барорад сар ба гардунҳо ба узре,
Бубинад мулки мафтунҳо ба узре.

Агарчи тавбадеҳ ӯ аст, ӯ аст,
Ба ном одам ҳама дар ҷустуҷӯ аст.

Агар шӯридагии ҳол бинӣ,
Аҷоиб дар аҷоиб қол бинӣ.

Бубахшӣ моли дунёро ба шодӣ,
Биёбӣ шодие аз он чи додӣ.

Бифаҳмӣ асли хушҳолӣ кадом аст,
Чи дар дунё ҳалолу ҳам ҳаром аст.

Битобад оташи тарс аз Худо боз,
Ниёзат рӯй орад, рӯй, не ноз.

Бипарҳезӣ, яқин, аз ҳар гуноҳе,
Кушоӣ чашм дар оғози роҳе.

Бубинӣ, ки на фармонаш бибурдӣ,
Амонатро на дар рӯзаш супурдӣ.

Ду дасти ҳасратат бар сар дароз аст,
Ки он як маънии изҳори роз аст.

Бияндешӣ, ки ҷубронаш равон аст,
Хирад бо илм онро тарҷумон аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бигӯӣ раҳ ба Туркистон бибурдам,
На бар он Каъбаи имон бибурдам.

Гумон кардам маро хуш раҳбарӣ буд,
Зимому қудрати искандарӣ буд.

Ҳама яъҷуҷу маъҷуҷ аст дар банд,
Ба дасти ман, ба ҳукми он Худованд.

Вале будам ба банду ҳам асорат,
Зи мулки  сидқ бинмуданд ғорат.

Ишоратҳо иморатҳо набудаст.
Тиҷоратҳо тиҷоратҳо набудаст.

Фиреб ойинадориҳои мо кард,
Матои кухнаро қимат баҳо кард.

Матое, ки дарунаш мору каждум,
Дил аз он бас газиданҳо занад гум.

Бупиндорӣ, ки бар дардат даво аст,
Аз он пас хонаат ҳам пурсафо аст.

Тилисмоти вуҷудатро надонӣ,
Фусуни дигареро хуш бихонӣ.

Ки дар банди ҳавову бас ҳавоӣ,
Бувад мушкил туро з-онҳо раҳоӣ.

Биё, чун нур дидӣ, дур дидӣ,
Талошу хонае дар гӯр дидӣ.

Бигӯ: Ё Раб, раҳоие, раҳоӣ
Бидеҳ, чун бебаҳоӣ, бебаҳоӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бибахшо ҳам гуноҳамро саросар,
Ба узраш чашм гардидаст чун тар.

Пушаймонам, пушаймонам, бидонӣ,
Ки нонанвишта ин нома бихонӣ.

Умедам бахшу ёриям дигар бор,
Намо рӯз аз карамҳоят шаби тор.

Ту он донандаи рози ниҳонӣ.
Ту Холиқ, Холиқи кавну макони.

Замину осмон дар ихтиёрат,
Ҳама андар шумору дар шуморат.

Иноятро, иноятро бихоҳам,
Ҳидоятро, ҳидоятро бихоҳам.

Ҳама ҷо ҳозиру нозир ту бошӣ,
Ҷаҳонро тавбадеҳ охир ту бошӣ.

Ба лутфи хеш меоӣ пазиро,
Аё эй Холиқи яктову якто.

IV

Чу асли тавбаро дарёфтӣ, дӯст,
Шиносӣ мағзро аз пӯст, аз пӯст.

Шавад рӯшан бароят ин ҳақиқат,
Бидонӣ, чун биёӣ дар тариқат.

Ба ҳар фарде чу воҷиб тавба омад,
Бикун хуш тавба, рӯзи нав даромад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мабодо инчунин рӯзе ҳазорон
Гузар созад, ту бошӣ ғарқи ҷавлон.

На фаҳмат бар нигоҳу ин гузарҳост,
Надонӣ ин ҷаҳонро аз чи орост.

Ба ғафлат орамиданро бихоҳӣ,
Агарчи ҳам ба ҷони худ бикоҳӣ.

Биё чашме кушо аз ҷону аз дил,
Бурун овар ду пойи хеш аз гил.

Ба Қуръон рӯй овар, рӯй овар,
Бихон, ҳам фаҳм бинмо, эй бародар.

Худо гӯяд, ба сӯи ман биёед,
Чӣ сон? Бо тавба, занги дил зудоед.

Чу кардӣ тавба, занги дил намонад,
Туро Ҳақ бандаи неку бихонад.

Бародарҷон, сухан чун аз Худо аст,
Пазиро шав, ки аз дунё ҷудо аст.

Бад-ин як тавба амр аз «Нур» бинмуд,
Ба ҷон худ тавба бинмо, бош хушнуд.

Гуноҳат то  ҳалокат мерасонад,
Бувад дил мурда, гар инро надонад.

Табоҳӣ мерасад ночор, ночор,
Бишав худро зи ҷаҳли худ харидор.

Ки ин худ ҷузъи имон аст, имон,
Зи ҷузъе мерасӣ то кул ба майдон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Яке майдон, ки дар фаҳмат наояд,
Туро гуфтан аз он майдон нашояд.

Зи баски тавбаи сидқат набошад,
Ба дил фаҳмат яке тухме напошад.

Дар ин раҳ чор душман раҳзанонанд,
Туро бар сӯи худ, не Ҳақ бихонанд.

Ба шаҳват мешавӣ саргарми дунё,
Чӣ сон рӯ оварӣ, рӯе ба уқбо?

Пас он гаҳ хашму рашку душманӣ аст,
Куҷо раҳ бар ҳақиқат бурданӣ аст?

Ба найрангу фиребу макр дилбанд,
Бигардию бигардӣ аз Худованд.

Бихоҳӣ мадҳи худ, ҳам бас ситоиш,
Ба ҳубби молу ҷоҳу не раҳоиш.

Чунон андар сириштат ҷой доранд,
Ки дасту дил ба як дам барнадоранд.

Аз инҳо оламат бас тор ояд,
На бинию на як дам ор ояд.

Зи ақлу шаръ гар нуре битобад,
Раҳе аз растагорӣ дил биёбад.

Шавад рӯшан аз ин нур ар вуҷудат,
Биёбӣ сидқу ихлоси суҷудат.

Агар дар ботинат ҷанге набошад,
Гули ин боғро ранге набошад.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кучо гул, ҳезуме аз баҳри нор аст,
Дар иқлими вуҷудат не баҳор аст.

Агар бо чашми дил ин ҷанг бинӣ,
Ба рангистони Ҳақ аржанг бинӣ.

Агар осоишат бояд ба олам,
Бубин ҷангу бикун ҷанге дамодам.

На он ҷанге, ки шамшере биронӣ,
Чу худро бар мадад он гаҳ бихонӣ.

Сипоҳе аз шаётин ҳаст дар ҷанг,
Сипоҳе аз Худо, эй мойили ранг.

Надонӣ гар баду неки ҷаҳонро,
Надонӣ ҳикмати ин як замонро.

Бибандӣ дил шаётинро ба лашкар,
Аз ӯ гардӣ, шавӣ ӯро ту ёвар.

Набинӣ он замон Ҳақрову ҳақро,
Нафаҳмӣ маънии ин як сабақро.

Ту пиндорӣ, ки бошӣ дар раҳи рост,
Зи  шайтонат чунин пиндор бархост.

Сипоҳи ақлу нурат гашт мағлуб,
Ту бар шайтон шудӣ з-ин рӯй маҳбуб.

Бупиндорӣ, ки марди арҷмандӣ,
Худоро нек банда, ҳам писандӣ.

Намедонӣ, ки ин макри дигар ҳаст,
Туро з-инҳо ҳазорон мухтасар ҳаст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чунонаш рангу зинат боз орад,
Чу ганҷе бар амини худ супорад.

Ту мегӯӣ, ки ман охир аминам,
Аминӣ кӣ? Амини Ҳақ набинам.

Амини малъуне будан раво аст?
Кушо чашме, хато андар хато аст.

Бикун ёде аз он савдои берун,
Аз он савдо, ки дилҳо ҳаст з-он хун.

Падар дар банди ин малъун бияфтод,
«Заламно» гуфту аз он гашт озод.

Вуҷуди ӯ «заламно» гуфт он дам,
Ба андеша, ба афсӯсу ба сад ғам.

Нагӯӣ ин яке гуфти забон аст?
Маро ҳам ин тавону ин тавон аст.

Бувад Ҳақ аз замири одам огаҳ,
Макун андешаи ботил бад-ин гаҳ.

Падар аз номи худ, ҳам модар ин гуфт,
Кушо чашми хирад, бингар бар ин ҷуфт.

Надоматҳо вуҷудашро биёшуфт,
Наёмад бар забонаш ин сухан муфт.

Ту пиндорӣ, ки дунё беҳисоб аст?
Дар ин ҷо ҳар амалро не китоб аст?

Набошад рӯзи ҳашру бозхоҳӣ?
Ба молу мулк монию ба шоҳӣ?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гунаҳ чашмони дилро кӯр карда,
Зи рӯзи ҳашру гӯрат дур карда.

Ба пушти пардаи ӯ бас ҷавонӣ,
Набинӣ хешро дар нотавонӣ.

Падар гӯяд «Заламно»-ву ту хомӯш,
На чашму дил, забонию на ҳам гӯш.

Агар ибрат намегирӣ, чӣ мардӣ?
Ки кам аз хас, на хас, камтар зи гардӣ.

Куҷо шуд аҳд, ку як дам вафоят?
Чаро хушнуд гардӣ аз ҷафоят?

Гуноҳи Одаму он тавбаи ӯ
Баён шуд баҳри мо аз ёри дилҷӯ.

Падар бо он бузургӣ дар гуноҳ аст,
Пушаймону «заламно»-гӯ ба роҳ аст.

Агар фарзанди ӯӣ, тарс дорӣ,
Зи Ҳақ ёрӣ бихоҳӣ, боз ёрӣ.

Куҷо аз тавба фарде бениёз аст?
Ба манзил норасида, раҳ дароз аст.

Марав аз худ дар ин раҳ ҳеҷ гоҳе,
Агар садсола раҳ рафтӣ ба оҳе.

Мабодо, ки зи по афтӣ ба ногаҳ,
Нагардӣ з-ин амал як рӯз огаҳ.

Бупиндорӣ, ки бо азме ба роҳӣ,
Раҳи афсонаат бидҳад гувоҳӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Фиребе инчунин бисёр хурдӣ,
Ба ҳар дам дар вуҷуди худ бимурдӣ.

Барои мурдагон бигристӣ зор,
Намегирйи барои худ ба ночор?!

Ки зеби гиря бошӣ, гиряи худ,
Бигӯ бечора марде, аз куҷо буд?

Ба ҳар ҳолат, ки бошӣ, тавба бинмо,
Ки амр аст, амри Ҳақ бар роҳ мео.

Ба зоҳир, ҳам ба ботин дар гуноҳӣ,
Ба ҷангу дар миёни бас сипоҳӣ.

Гунаҳ дорию бошӣ аз Худо дур,
Набинӣ ин ҳақиқатро ту бе нур.

Қадам дар роҳи Ҳақ нанҳода бошӣ,
Чӣ сон дар мазраи дил дона пошӣ?

На аз ҷав ҳосилат бошад, на гандум,
Дарав созӣ, дарав бас мору каждум.

Ба роҳе рав, ки наздикат намояд,
Ба Ҳақ, ҳам бас раҳи маънӣ кушояд.

Биёбӣ фарқи неку бад ба як дам,
Набошӣ дар тааҷҷуб худ ба як ғам.

Агар гӯӣ, ки марди бегуноҳам,
Ба сидқ аз даъвати ӯ ман ба роҳам.

Бувад ин худ гуноҳи дигаре боз,
Ки дар ғафлат шудӣ аз рӯи сад ноз.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар ин раҳ бениёзӣ кай ниёз аст?
Туро ин фитна, не маънои роз аст.

Далели дигар аз дурӣ ҳувайдост,
Ба ин дурӣ бубин дилро, ки шайдост.

Бикун зикраш, ки аз ғафлат ҷудоӣ
Туро афтад ба он фазли худоӣ.

Агар кардӣ фаромӯшаш, бикун ёд,
Туро ин раҳ ба лутфи худ нишон дод.

Ба қадри ҳар фаромӯшӣ бикун зикр,
Туро ку маъние з-ин неку ҳам бикр?

Ба дил ёди Худо бисёр бояд,
Ки дилро ҷуз аз ин чизе нашояд.

Чу дил он мазҳари поки Худо аст,
Набошад дил, агар аз ин ҷудо аст.

Ба дил ғайри Худо бошад, куҷо дил
Бувад он, чун яке рег асту ҳам гил?

На рег асту на гил, кардам ғалат бас,
Намеарзад чу он бар гарду як хас.

Зи регу гил иморат бар фароз аст,
Дилу дасте аз онҳо бас дароз аст.

Дар он ҷо зикри Ҳақ бисёр созанд,
Халоиқ дар намозу дар намозанд.

Агар қурбе туро ҳосил бигардад,
Дилат бар зикри ӯ мойил бигардад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бубинӣ дар кадомин як  мақомӣ,
Чаро вомондаи он нав паёмӣ.

Чаро ҳам пештар роҳе набурдӣ,
Ба дасти як қаноат худ супурдӣ.

Бувад тақсиру не айни савоб аст,
Туро дар қурб балки як ҳиҷоб аст.

Бибояд, ки ҳиҷоб аз пеш гирӣ,
Дар ин пастӣ, дар ин пастӣ намирӣ.

Бикун ҳам тавба бар тақсир бисёр,
Пас он гаҳ рӯй бар раҳ боз меор.

Дили ёри Худо пуриштиёқ аст,
Ки меояд аз он бас масту хуш маст.

Талаб омурзиш аз Ҳақ менамояд,
Чунин омурзиш аз он ёр ояд.

Ба рӯзу шаб бувад ҳафтод бор он,
Биёву аз ҳадис ин ҳарфро хон.

Барои фаҳмиши мо гуфт инро,
Ба рӯи хон ниҳод ин ангубинро.

Ки коми мо аз он ширин бигардад,
Барои дин, барои дин бигардад.

Агар ки дур аз ҷумла гуноҳӣ.
Ба шак дар иштибоҳу иштибоҳӣ.

Ниҳоят нест андар тавба, эй ҷон,
Бихар ин дурри ноёбаш ту арзон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Туро давлат зи баски рӯй бинмуд,
Бикун шукру бирав бар роҳ хушнуд.

V

Агар ки комилан гардад риоят
Шароит баҳри тавба аз иноят

Яқин, маврид ба мақбулаш биёяд,
Туро ин гуна як давлат бибояд.

Чу маънии қабулашро бидонӣ,
Намоӣ бар дилу ҷон шодмонӣ.

Ки дил баҳри таҷаллиҳои нураш
Биёбад низ истеъдоду сураш.

Ту нури маърифат мехостӣ, бин,
Камоли ҳақшиносиҳост дар дин.

Чу дил монандаи оина бошад,
Басе пок аз кудурат, кина бошад.

Зи шаҳват тирагиҳо чун намонад,
Дил аз анвор худро дил бихонад.

Гунохе гар кунӣ, бас фаҳм созӣ,
Ки дар лаҳву лааб, шуғлию бозӣ.

Намезебад туро бозӣ дигар ҳеч,
Ба маъниҳову маъниҳо зи нав печ.

Гунаҳ чун пардаи торик бошад,
Раҳи он анҷуман борик бошад.

Дар ин раҳ аз шаётин сад ҳазор аст,
Ки бар қалбу ба андеша ҳисор аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳисоре, ки ба ҷуз ёди Худо дар
Набикшой, набикшой, бародар.

Амалҳои наку ки нур гарданд,
Малоик он замон масрур гарданд.

Амал гар нек ояд, нафс пок аст,
Ба гардунҳо башоратҳо зи хок аст.

Ҳазорон эътиборат боз бидҳад,
Яке дурре зи баҳри роз бидҳад.

Надонад қимати дурраш ҷаҳонҳо,
Бигардад оҷиз аз он ҳам замонҳо.

Яке бад гар кунӣ, андеша бинмо,
Накуиро пас аз он пеша бинмо.

Накуӣ кун, накуӣ кун, накуӣ,
Ки то худро аз он бадҳо бишӯӣ.

Пазиро шав чунин як раҳнамунӣ,
В-агар на, дар миёни хоку хунӣ.

Барад ҳар кори некат зуд бадро,
Бубин ин гуна рад, ин гуна радро.

Кунад маҳв аз карам бадро ба як бор,
Кӣ дида инчунин ғамхор, ғамхор?

Ба он як тавба чун покат намояд,
Шарафманду ба афлокат намояд.

Маёвар шак, ки он худ раҳзане аст,
Ба сӯи ноумедӣ равзане аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бигӯям ранги дигар: ҷон бихоҳад,
Ба осонию бас арзон бихоҳад.

Яке санге варо дар остин аст,
Ки фаҳматро нигоҳаш бас қарин аст.

Агар бар сар, агар бар дил биёяд,
Дусад дард он бизояд, ҳам физояд.

Чунин шак кай ба илмат коргар шуд?
Туро бар нестӣ чун роҳбар шуд.

Гурезон шав аз ин шак, бас гурезон,
Барад ҷону набидҳад як лаби нон.

Агар афзун шавад шак, худ яқин аст,
Туро ҳосил на аз дунёву дин аст.

Бирез ашки надомат нимашабҳо,
Ки бинӣ дар ҷаҳонҳо бас аҷабҳо.

Раҳат бар олами асрор бошад,
Ба дил шукронаҳо бисёр бошад.

На ҷойи худписандиҳову хоб аст,
Ки дунё рӯи обу рӯи об аст.

На он обе, к-аз ӯ бас зиндагонист,
Ҳама сабзӣ аз ӯву навҷавонист.

Ба зоҳир обу дар ботин бувад марг,
Ҳамехоҳӣ аз ӯ дунёву як барг.

Намонад ҷовидонӣ кас ба олам,
Туро фурсат дар он доданд як дам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Набишносӣ дар ин як дам агар худ,
Чӣ донӣ аҳд бо Ҳақ аз чи раҳ буд?

Агар гӯӣ надонам, худ гуноҳ аст,
На нодонӣ туро пушту паноҳ аст.

Ба нодонӣ бияфтӣ чун ба сад дом,
Чаро нозӣ ба он, эй марди бас хом?

Ба дониш роҳ бар бар Ҳақ, ба дониш,
Ба дониш роҳ мебошад зи хониш.

Худову ҳам расул ин роҳ бинмуд,
Бирав роҳу дар ин раҳ бош хушнуд.

Бубинӣ лутфҳои бениҳоят
Зи фазли Ҳақ, зи бахшиш, ҳам иноят.

Дигар корат ба ин дунё наяфтад,
Нигоҳат ҳам ба ин савдо наяфтад.

Ба молу зар набандӣ дил аз он пас,
Туро аз сад ҷаҳон ин як Худо бас.

Дилат лабрези меҳру ишқ гардад,
Вуҷудат ҷумла сидқу сидқ гардад.

Барӣ худро зи ёди хеш ногаҳ,
Бубинӣ пеш аз он чун ҷилваи маҳ.

Магӯ аз ин фано, ки не фано аст,
Фано як парда, дар маъно бақо аст.

VI

Зи шаҳват гуфтаму ғафлат басе, боз
Туро гӯям, туро, дилдодаи ноз.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Зи пургӯӣ агарчи бас зиён аст,
На ин гуна, ки он худ айни ҷон аст.

Агар море дар ин хона бубинӣ,
Чӣ сон роҳат ба кунҷе менишинӣ?

Ба ҳар дам хавфи маргат ҳаст аз он,
Чӣ сон хуш менишинӣ бар лаби хон?

Бигардад заҳр нон андар даҳонат,
Биларзад устухону устухонат.

Халосӣ худ аз ин морат набошад,
Агар ёре дар ин ғорат набошад.

В-агар дар лаб туро номи Худо нест,
Раҳоӣ, ҳам умеде бар сафо нест.

Раҳоию сафоро гар наёбӣ,
Ба сӯи маргу ранҷат дар шитобӣ.

Шақоватро яке ёру бародар
Биёию бигардӣ нек ёвар.

Гумон созӣ саре дар осмонӣ,
Яке ганҷею ганҷи шойгонӣ.

Ҷаҳон муштоқи дидори ту бошад,
Ба роҳи омаданҳо гул бипошад.

Зи бас шаҳват фузун, ғафлат ки беш аст,
Куҷо бегона, андар чашм хеш аст.

Калиди ганҷ бар бегона бидҳӣ.
Инони кор бар девона бидҳӣ.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гиреҳ андар гиреҳ афтӣ, надонӣ,
Худоро бар мадад гоҳе нахонӣ.

Наояд бар забон як рӯз номаш,
На гӯшат раҳ барад ҳам бар каломаш.

Ба кӯриҳо басе қандил шикастӣ,
Асо бигрифтаву сад дил шикастӣ.

Чу кӯру гунгу кар гардӣ, чӣ донӣ,
Куҷоят мебарад ин зиндагонӣ.

Варо не зиндагонӣ, марг ном аст,
Барои ғофилон дом аст, дом аст.

Бубин, охир, гунаҳ бисёр кардӣ,
Вуҷуди хешро бемор кардӣ.

Ба марг аз он раҳоӣ нест осон,
Чу дар рӯзи ҷазо гирад гиребон.

Гиребонат дарад, урён намояд,
Миёни ҷумлаи халқон намояд.

Шафоат аз расули Ҳақ бихоҳӣ,
Ба хушкимондае монанди моҳӣ,

Надорӣ шарм? Гуфтандат даво кун,
Ба дунё хешро аз он раҳо кун.

Бихоҳ аз Ҳақ табиби арҷманде,
Маё монанди сайде дар каманде.

Дили сайёди дунё сахт бошад,
Туро куштан барояш бахт бошад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Табиби рӯҳ меҷӯ, не ки аз ҷисм,
Ки ғайраш менадонад дардро исм.

Нишони дардро бар ту бигӯям?
Раҳи бахту салоҳатро биҷӯям?

Худо гуфта бигӯ, варна маро кор
Наяфтад бар ту гаҳ, эй хуфта бемор.

Ба чоҳ афтӣ, зи кӯрӣ, мо гунаҳкор,
Бубин лутфу бубин имдоди он ёр.

Ҳамегӯӣ, на беморам, на дар ранҷ,
Ба айшам, баски бурдам роҳ бар ганҷ.

Нишони он, бародар, худ ҳамин аст,
Ба чашмат заҳр ҳамчун ангубин аст.

Ки рӯзи ҳашр ҷӯшад оҳ дар дил,
Бад-ин рӯзат аз он гардида ғофил.

Аҷаб ин ки наояд ҳеҷ бовар
Туро ин гуфтаи неку бародар.

Зи ҳар кас бишнавӣ, гӯӣ дурӯғ аст,
Дурӯғе, ки варо не як фурӯғ аст.

Далели дигарат орам, кушо чашм,
Магир аз ҷаҳл бар ёрони худ хашм.

Ки хашмат дӯзахи дигар биёрад,
Туро бар молики он месупорад.

Яке дӯзах, дар он хушдил бимонӣ,
Ба ҷаҳли хеш по дар гил бимонӣ.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

На саъйею на кӯшиш мезанад сар,
Гумон гардад туро шоиста раҳбар.

Умеди афват аз Ҳақ беш гардад,
Шаҳи саъйат яке дарвеш гардад.

Замину обу дон додат Худованд,
Бикун тадбир, пас уммед мебанд.

Ту мегӯӣ, Худо бахшанда бошад,
Ҳама дам ӯ ба фикри банда бошад.

Набигзорад, ки мирад хору ҳам зор
Пайи ин гушнагию қалби хуншор.

Дилат чун хонаи дев аст, дил нест,
Ба ҷуз як мушти регу мушти гил нест.

На мушти гил, ки донад бандагиро,
Намехоҳад чунин шармандагиро.

На мушти рег, к-ӯро Ҳақ шараф дод,
Чу сарро пеши пойи амр-ш бинҳод.

Хатарҳо пеши рӯ дорӣ, нигаҳ кун,
Гумонҳоро ба боду рӯи каҳ кун.

Далели дигарат гӯям хатарнок
Бувад, эй ҷон, басе бар зери афлок.

Зи беморӣ агар хоҳӣ раҳоӣ,
Бубинӣ хешро, ки бенавоӣ.

Табиберо намеёбӣ, ба олам,
Ки бар дардат бигардад зуд марҳам.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бидонад аз куҷо ин дард бошад,
Саворе аз кадомин гард бошад.

Ба бемори табибон мубталоянд,
Зи ғафлат чун на бо ёди Худоянд.

Илоҷи дарди худро менаёбанд,
Ки дар бандданд, дар бандданд, дар банд.

Муҳаббатҳои дунё кард расво
Табибу олиматро ҷумла якҷо.

Бубин, ки ҳубби дунё ҷолиб омад,
Табибу олиматро ғолиб омад.

Чу дил доданд, чун гӯянд дунё
Туро бифребад, эй марди таманно?

Ҳар он кас дил асири ишқ кардаст,
Хиёнатҳо ба меҳру сидқ кардаст.

Ки макр аст он, на ишқ, эй хуфта дар хеш,
Дили бечораро манмой бас реш.

Чаро гӯям, ки беморию бемор,
Туро бояд шавам ғамхор, ғамхор.

Вуҷудат сахт месӯзад аз ин дард,
Ки дар кӯри наёбад роҳро мард.

Умед аз раҳбари шоиста дорад,
Саҳар хуршеди ӯро менаёрад.

Намегӯянд дунё бевафо аст,
Ки ин гуфта ба худ айни ҷафо аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Вафоро хостгорӣ менамоянд,
Ҳамоқатҳову зорӣ менамоянд.

Ба даст овардани дунё ҳунар шуд,
Ҳунар чун бо ҷаҳолат мухтасар шуд.

Ба ҷанги ҳам забон шамшер карданд,
Ба мурдоре на охир сер карданд.

Ба ҷангандау чӣ сон дармон намоянд?
Зи сад мушкил яке осон намоянд.

Аз онҳо оламе андар сироят,
Талабгорӣ зи ҷаҳли худ иноят.

Давои дарди худро менадонанд,
Ту мегӯӣ ба мушкил дарнамонанд.

Ҳама дар мушкилоти хеш саргум,
Чӣ медонанд аз аҳволи мардум?!

Бишуд ноёб дору андар ин ҷо,
Ба гумроҳӣ табибонанд расво.

Ба ифлосу ба иғво рӯй доранд,
Ба олам чун аз ин бас тухм коранд.

На ақле бар хамӯшӣ дил бибанданд,
Хамӯширо ба сад маънӣ писанданд.

Чу санге дар миёни ҷӯй бошанд,
Ба бухлу ҳам ҳасад якрӯй бошанд.

На худ аз ҷӯй менӯшанд обе,
На кас з-ин об гашта баҳраёбе.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чу роҳи обро бастанд ишон,
Чӣ сон лаб тар кунанд он мустамандон?

Бидонӣ аз чи рӯ ғофил бимонем?
Гунаҳро кайфаре аз пас надонем.

Зи бас дар ҳоли ҳозир нест мавҷуд,
Ту бепарво шавӣ аз аслу мақсуд.

Бияндеш андаку ояндаро бин,
Ба ҷон он давлати пояндаро бин.

Агар бинӣ, барӣ ночор роҳе,
Ба андуҳи пушаймонӣ, ба оҳе.

Туро оянда чун наздики наздик
Бувад, андеша кун аз гӯри торик.

На кас он ҷо чароғе мегузорад,
На себи сурхи боғе мегузорад.

Ҳамеша марг моро интизор аст,
Ҳама фасли вуҷуди ӯ баҳор аст.

Бикун андеша аз ин марг бисёр,
Чунин фурсат куҷо ёбӣ дигар бор?

Чу донӣ омаданро рафтане ҳаст,
Ба ин будан намегардӣ даме маст.

Зи банди кафш наздик аст худ марг,
Бихон андар хазон ин ҳарф аз барг.

Зи умрат чанд монда, чанд, гӯ, чанд?
Намедонӣ, надонад ҷуз Худованд.

Намедонию бо ғафлат нишинӣ,
Ки ин ангуштаринро ё нигинӣ?

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Агар як соату як рӯз монда,
Туро он як дили ғамсӯз монда?

Биёндеш аз сафар, аз заҳмату ранҷ,
Ба худ не мол хоҳӣ бурд, не ганҷ.

Вале бори гуноҳат ҳаст вазнин,
Зи дастат меравад ҳам сабру тамкин.

Хатар дар рӯ ба рӯ бисёр бошад,
Ки сахт аст, ар касе бемор бошад.

Ба беморӣ ба душат инчунин бор,
Ба як соат туро месозад афгор.

Бародар, тангдастиро биёндеш,
Машав бегонаи худ ҳеч, эй хеш.

Чунин фақре набахшад обрӯят,
Бало ояд даҳаспа чун ба кӯят.

Бало ояд, чӣ сон роҳаш бигирӣ,
Ки то дар зери зулми ӯ намирӣ?

Зи лаззатҳову шаҳватҳо чӣ гӯям?
Чу бифшурад ба сахтиҳо гулӯям.

Гунаҳкорӣ ба ин рӯзат расонад,
Ба ин оташ, ба ин сӯзат расонад.

Агар ҳам дур аз чанги балоӣ,
Чунин монад, на аз ӯ чун ҷудоӣ.

Гунаҳкорӣ, гунаҳкорӣ, гунаҳкор,
Ба бахти бад намегардӣ чу бедор.

Табибат ҳар чӣ мегӯяд, ҳамон кун,
Давои дарди ҷисму дарди ҷон кун.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Агар бошад Масеҳодам табибе,
Бикун шукру бидонаш як ҳабибе.

Агар заҳрат диҳад, менӯш чун нӯш,
Бибар фармони ӯву гӯш шав, гӯш.

Ки сар печидан аз ҳарфаш хато аст,
Туро садҳо бало, садҳо бало аст.

Кучо охир бало? Марги муфоҷо
Бувад, созад туро з-он баъд расво.

Ҳақиқат худ аз он пас ошкор аст,
Чу дигар раҳ ба сӯи Кирдигор аст.

На аз зорӣ расад суде дар он дам,
На ёре, мушфиқе ёбӣ, на ҳамдам.

Бигӯӣ ҳамраҳонам худ куҷоянд?
Чаро бас бевафову бевафоянд?

Куҷо шуд аҳду он савганди беҷо?
Куҷо он шавкату ҳангомаи мо?

Аз ин рӯзу аз ин ҷо ёд н-омад,
Баҳорон буду ё худ бод н-омад?

Ба лаззатҳову шаҳват рӯз мерафт,
На бо ашки надомат рӯз мерафт.

Агар ранҷу агар ки бас азоб аст,
Маро аз рӯзи дигар изтироб аст.

Масеҳодам табибе, гуфтамат ҷӯ,
Намеёбию мегӯӣ, ки он ку?

Аз он беҳтар туро бидҳам нишон, дӯст,
Нигар бар мағз ин дам, не бар он пӯст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Худову ҳам паямбар ростгӯтар,
Дар ин кор, эй бародар, эй бародар.

Ба оташ гар бимонӣ ҷовидонӣ,
Чӣ суд аз зиндагонӣ, зиндагонӣ?

Наёрӣ тоби сӯзиш, тоби оташ,
Биё, з-имрӯз пой аз роҳ баркаш.

Раҳе, ки мебарад то нори ҷовид,
Марав, бас узр хоҳ аз ёри ҷовид.

Ба роҳи рост рӯ овар аз имрӯз,
Дар ин раҳ мешавӣ чун шоду фирӯз.

Агар бар тарки лаззатҳову шаҳват
Наёрӣ рӯ, чӣ созӣ дар қиёмат?

Дурӯза комронӣ менамоӣ,
Ба ғафлат зиндагонӣ менамоӣ.

Ки беморист ин, аммо бияндеш,
Бувад ҳам сахт рӯзе боз дар пеш.

Азоби он аз ин пурдардтар дон,
Раҳоиро ба чашму чашми тар дон.

Ба он дил, ки пушаймон гашта бошад,
Талабгоре ба имон гашта бошад.

Макун таъхир андар тавба бисёр,
Аё печида дар худ, эй гунаҳкор.

Ба фардо фурсатат надҳад, чӣ созӣ?
Аё ғофил, ба боде чун бинозӣ?!

Ба дастат чун набошад ҳеҷ фардо,
Куҷо уммеди фардо, марди расво?

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Туро маълум бошад зинда мондан?
Ки дил бандӣ ба айшу айш рондан.

Бигӯӣ шоду мастона, ки фардост,
Бубахшояд Худо, ки ӯ тавоност.

Тавоно ҳасту надҳад фурсатат ҳеч,
Чу кирми пилла чанд ин печ дар печ?

Бувад аксар фиғони дӯзахиён
Аз он таъхир карданҳои осон.

Бар оянда уммеди нек бастанд,
Аз ин дому аз ин дон худ нарастанд.

Ба ногоҳ ончунон як дард омад,
Ба бод аз ҷисмашон бас гард омад.

Чу ҷон бар ҳалқашон омад, наҷоте
Наёяд, не кунад Ҳақ илтифоте.

Замони тавбаро аз даст доданд,
Ки дилро бар кафи шайтон ниҳоданд.

Яке ангуштарини он Сулаймон,
Ба деваш додаӣ бо лутфу аз ҷон.

Чӣ гӯям, ки чӣ бояд кард имрӯз,
Ки бо кардан намеоӣ ту пирӯз.

Амалро дар чунон рӯзе харидор
Намегардад, зи кирдат шарм медор.

Дар ин рӯз ар шавӣ оҷиз аз ин ҷанг,
Намегирад ба фардо корҳо ранг.

Ту меоӣ заифу он қавитар,
Табар аз решаҳо дар даст музтар.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Намонад он тавони навҷавонӣ,
Ба кори хеш бас ҳайрон бимонӣ.

Магар саркӯбии шаҳват диҳад даст?
Чу моҳӣ монда андар шаст аз шаст.

Магар лаззат туро бигзорад осон
Равӣ андар сади ин ҷисму ин ҷон?

Равӣ он ҷо, ки ҷони ҷону ҷон аст,
Ҳама мақсуди будан ону он аст.

Ба исрори гуноҳ ар рӯй орӣ,
Ки бидҳад аз карам ӯ дасти ёрӣ.

Ҳамоқат бошаду макри шаётин,
Кушо чашму ҳақиқатро наку бин.

Бигир он пардаҳои чашмро зуд,
Макун худро ба дасти хеш нобуд.

Шунав охир, ки бо ҳуш он касе ҳаст,
Лаҷоми нафсро дорад дар даст.

Барои баъди маргаш корсоз аст,
Талабгори Худову фаҳми роз аст.

Ҳавои нафсро пайрав бигардӣ,
Бидон, як аҳмақе ҳастӣ, на мардӣ.

Ки мардони Худо поянда бошанд.
Ҳавои нафсро кай банда бошанд?

Ҳавои нафс аз бас пардапӯш аст,
Туро кай ҳам садои Ҳақ ба гӯш аст?

Ба рӯзи ҳашр шак орӣ ба як бор,
Нагардӣ аз чунин як хоб бедор.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба хоби хеш андар айшу нӯшӣ,
Куҷо дар фикри фардову зи дӯшӣ?

Туро гуфтам чӣ бояд кард, аммо
Надорӣ ёд бо сад фикри дунё.

Чу фикрат беш бошад, беш бошад,
Ба ҷуз дунё туро кай хеш бошад?

Ба ёрони Худо чун пушт кардӣ,
Ба хористони худ аз ҷаҳл гардӣ.

Биёяд оташе, онро бисӯзад,
Ду чашматро ба дудаш хуш бидӯзад.

Бигӯӣ, ин чӣ кору ин чӣ ҳол аст?
Ҷавобатро дар он дам ин суол аст.

Надорӣ эътиборе, бош хомӯш,
Ҳамегардӣ фаромӯшу фаромӯш.

Садоҳо аз вуҷудат раҳ наёбанд,
Садоҳо дар гулӯ гарданд пobанд.

Надорӣ шарму хоҳӣ кард фарёд?
Макун бар хеш аз нав зулму бедод.

Ба фарёдат дигар фарёдрас нест,
Туро ки эътиборе қадри хас нест.

VII

Туро чун тавба бошад аз гуноҳон
Муҳим, ҳам воҷиб ин гаҳ, эй мусалмон.

Бикун пас тавба, бар фардо набигзор,
Ки фардоро дигар тавбаст даркор.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чу фардо кори фардоро бихоҳад,
Чунин андешаи моро нахоҳад.

Нахуст аз он гуноҳони бузургат,
Раҳоӣ ҷӯ, ки ояд мисли гургат.

Раҳоӣ худ фақат бо тавба бошад,
Ки оқил ғайр аз ин тухме напошад.

Замин ин гуна тухмиро талабгор
Агар бошад, бибар пас зуду бисёр.

Ба такрори гуноҳи хурд, медон,
Бузург ояд, бузург, эй марди  майдон.

Бузургиро бар ӯ ту худ бибахшӣ,
Ба зулмистон зи бас неку дурахшӣ.

Гунаҳ бо тавба гардад маҳв як сар,
Бар ин давлат, бародар, рӯй овар.

Бар исрори гуноҳи хурд дилбанд,
Чаро гардӣ пас аз таъкиду бас панд?

Агар дар гӯши филе хуфта бошӣ,
Суханҷӯву суханрас ҳам набошӣ.

Ба беҳуда чаро лаб во кунам, во,
Наёӣ сӯи Ҳақ, гардӣ ту расво.

Паёпай чун гунаҳ кардӣ, бияндеш,
Дилат аз он сияҳ гардад, шавад реш.

Бубинӣ, қатраи об ар чи нарм аст,
Шикофад сангро, гар сарду гарм аст.

Гунаҳро хурд машмору мадон хор,
Ки гард аз мо барорад зуду бисёр.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

Гунаҳро хурд бишмурдан хато аст,
Ба навъе он ба худ садҳо ҷафо аст.

Ба дил пайдо намегардад аз он ғам,
Бигирад пас вуҷудат сахту маҳкам.

Ҳақираш бишмарию кай ҳақир аст,
Камони умрро пурзаҳр тир аст.

Бигӯӣ, кош аъмоли дигар ҳам
Чунон бас хурд ояд, хурд ин дам.

Куҷо ин як гунаҳ бахшиданӣ шуд?
Гиёҳи сад гунаҳ з-он рустанӣ шуд?

Гунаҳкоре ба хушнудӣ бинозад,
Ду оламро ба як дам ҳам бибозад.

Ҳамефахрад, ки кардам инчунин кор?
Ба бозораш ҳамеҷӯяд харидор?!

Забон дар баҳри фаҳшаш ғарқ гардад,
Ҳама ҳарфаш ба раъду барқ гардад.

Бигӯяд обрӯи он фалонро
Бибурдам, бохт ӯ ҳам ҷисму ҷонро.

Фиребаш додаму дар дом афтид,
Зи дасташ рӯи санге ҷом афтид.

Намеёбад раҳоӣ ҳеҷ аз ғам,
Ҳар он кас гар маро кам дид, бас кам.

Гуноҳи дигаре гӯям чӣ сон аст,
Адуи ҷисму ҷону ҷисму ҷон аст.

Агар гӯӣ маро бошад мақоме,
Ба аъмолею бо неку каломе.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Намесозад гуноҳамро аз он фош,
Гуноҳатро намудӣ фош, эй кош.

Чи бадбахтӣ, намефаҳмӣ, ба даргоҳ
Мақоме нестат, нобурдаӣ роҳ.

Гунаҳ то бештар созӣ, Худованд
Туро муҳлат бидода соате чанд.

Бубинӣ пас аз он таҳти сақарро.
Биёбӣ пеш аз он ин як хабарро.

Хабарро бишнавӣ, ҷонат бисӯзад,
Дили бирёну бирёнат бисӯзад.

Дилат аз як хабар бирён бигардад,
Ду чашми сар басе гирён бигардад.

Набинӣ он мақоми сад гумонат,
Чу созанд имтиҳонат, имтиҳонат.

Ту аслатро зи бас рӯшан бубинӣ,
Чароғи хеш берӯған бубинӣ.

Гунаҳро ошкоро гар намоӣ,
Дар ин раҳ хешро раҳбар намоӣ.

Бифахрию бигӯӣ ҳар гуноҳат,
Биёбӣ дар гумон пушту паноҳат.

Бидон, қобил ба бахшоиш бувад халқ,
Ба осоиш, ба осоиш бувад халқ.

Ба ҷуз ин гуна шахсон, к-ошкоро
Раво бинанд бар худ ин ҷафоро.

Гумон созанд он айни вафо аст,
Ки дунё баҳри кайфу ҳам сафо аст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз он олим, ки ӯро пайравонанд,
Зи хайли пиру ҳам садҳо ҷавонанд.

Гуноҳе ҳам агар ки хурд ояд,
Варо он гуна хондан менабояд.

Гуноҳи хурди олим бас бузург аст,
Миёни галла он дам баски гург аст.

Ба марги ӯ гуноҳи ӯ намирад,
Гар он кирдаш аз ӯ мардум пазирад.

Гунаҳ мардум кунад, бар гардани ӯст,
Чу мурдоре дусад дар маскани ӯст.

Агар зорӣ кунад бар даргаҳи Ҳақ,
Ки яктоию яктоию мутлақ.

Бубахшо аз карам худ ин гуноҳам,
Бишав аз раҳматат пушту паноҳам.

Бигирам, он замон афваш намояд,
Вале аз мардум ин зорӣ бибояд.

Агар мардум нахоҳад афв, чун аст?
На кохи эътиборат вожгун аст?

Бикаш ҷабру ҷафои пайравонат,
Гунаҳ омӯхтӣ, доданд нонат.

Натарсӣ аз Худо, чун тавба созӣ?
Худо худ гуфта ин, мебош розӣ.

Дили бечораро худ ошно кун,
Ба аҳди Ҳақ вафо, эй ҷон, вафо кун.

Чу тарсад дил, шавад ёри қаринат,
Бигардад нек ҳам бунёди динат.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Намирад он диле, ки тарс дорад,
Зи чашмаш ашк чун борон биборад.

Ба doниш рӯй овар, рӯй овар,
Ки тарсат ёр гардад, эй бародар.

Фақат он банда донишманд бошад,
Вуҷудаш ибрату ҳам панд бошад.

Битарсад аз Худо бисёр, бисёр,
Худо ӯро фақат бошад нигаҳдор.

Худо розӣ аз ишон аст, розӣ,
Ба имрӯзу ба фардову ба мозӣ.

Чи хуш он дил, ки тарсад аз Худо бас,
Ҷаҳонро хас шуморад, бал кам аз хас.

Ба симу зар набахшад эътиборе,
Бигӯяд: Ёр, ёру ёр, ёре.

## Анҷом

*Мушкиле дорам, зи донишманди маҷлис боз пурс,*
*Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?*

***Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ***

Туро аз тавба гуфтам, тавба бинмо,
Магӯ аз шак, магӯ аз меҳри дунё.

Магӯ худ тавбафармоён зиёданд,
Ки чун худ ҳарфашон дар роҳи боданд.

Зи донишманди маҷлис ҳам суоле,
Набошад нек, чун бошад вуболе.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мапурс ин тавбафармоён чӣ сонанд?
Халоиқро ба роҳи тавба хонанд.

Вале худ роҳи дигар пеша созанд,
Ба даъватҳову тарғиб хуш бинозанд.

Басо кам тавба бинмоянд ишон,
Гурезон аст аз онҳо чу имон.

Чунин пиндору андеша раҳо кун,
Ки дарди дигар асту ону даво кун.

Туро раҳ мезанад Иблис сад бор,
Шавӣ як раҳ бурун аз роҳи он ёр.

Бурун ой агар, расво бигардӣ,
Пайи сарват, пайи дунё бигардӣ.

Ба раҳ боз омадан мушкил бияфтад,
Ба рӯзи сард по дар гил бияфтад.

Ту ҳарфи хоҷаро маъно надонӣ,
Ки ҷуз савдову ҷуз савдо надонӣ.

Агар ки тавбафармо тавба кам кард,
Бубин, ки хоҷа дилро пур зи ғам кард.

Ками он тавбафармо аз ту беш аст,
Бипурс аз худ, туро охир чи кеш аст.

Ба рӯи тавбафармоён давидӣ,
Ту худро хоҷаи ин давр дидӣ?

Чу хоҷа тавбаат бисёр бошад?
Дилу ҳам дидаат бедор бошад?

Ба худ монанд кардӣ он бузургон,
Бинои кохи умрат гашт вайрон.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба вайронӣ агар нозӣ, раво нест,
Ки дард асту ба ин дардат даво нест.

Даво ҳасту табиб онро нахоҳад,
Чунин пурноз инсонро нахоҳад.

Агар ки дардмандӣ, оҳу зорӣ
Намо, он гаҳ табиб ояд ба ёрӣ.

Нахустин тавбафармо худ Худо аст,
Сухан ӯро ба ҷо в-аз мо ҷудо аст.

Ба Қуръон дарҷ карданд он суханро,
Биҳил аз хештан ин мову манро.

Намояд ҳифз то рӯзи қиёмат,
Бубин муъҷизааш, садҳо каромат.

Агар амраш набудӣ, ки бигӯед,
Гуҳарро ҳам ба лутфи Ҳақ биҷӯед,

Маро кай ҷуръате бошад ба гуфтан?
Чунин дурро ба сайъи хеш суфтан.

Макун айбам, ки айбат бешумор аст,
Туро бо айби мардум, гӯ, чӣ кор аст?

Ба қадри хеш кӯшидам, бародар,
Зи ҷӯяш об нӯшидам, бародар.

Агар лабташнаӣ, фарёд кардам,
Ба навъе ман туро имдод кардам.

Нашояд, ки шавем мо сер аз об,
Туро гӯем роҳи обро ёб.

Касе раҳ ёфт, огаҳ менамояд,
Барои дигарон раҳ менамояд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Агар лабташна мирӣ, ман гунаҳгор,
Шавам, ҷони бародар, гӯш медор.

Ки раҳ бурдам ба обу хоб кардам,
Туро сарсон барои об кардам.

Накардам ҳамчу сероб изтиробе,
Нагуфтам, ки намо, эй ҷон, шитобе.

Ба об ар ки расӣ, он зиндагӣ аст,
Камоли бандагию бандагӣ аст.

Худоё, афв бинмо ҳар гуноҳам,
Чу бо бечорагӣ дар роҳу роҳам.

Туӣ, танҳо туӣ, чун чорасозам,
Барам охир куҷо рӯи ниёзам?

Бубахшо ҳар хаторо, ҳар хаторо,
Бубахшо назми беназмии моро.

Зи меҳру аз муҳаббатҳо бигуфтам,
Чун дурреро ба ҷону дил бисуфтам.

Ҳазорон айб дорему ниҳон кун,
Ва ё ҳамчун ҳунар ҳар як аён кун.

К-аз он шукронаи Ҳақро намоянд,
Зи дилҳо зангҳоро хуш зудоянд.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МУНДАРИЧА


Омадам дарро задам… .................................................... 3
Имшаб маро ёди ту нест .................................................. 4
Гуфтугӯ ...................................................................... 6
Муштарӣ банд аст… ........................................................ 7
Таъна бар худ мезанам….................................................. 9
Дар остони пушаймонӣ ....................................................11
Як хати фарёду имдод… ...................................................12
Дурустӣ дар вафо пайдо накардам ......................................14
Омадам, дарро ба рӯям во макун.........................................16
Хона торик асту…...........................................................17
Мо бимондему гирифторӣ..................................................19
Бе ҳарфу бе баён… .........................................................21
Бар куҷо раҳ мебарам… ...................................................22
Ашк мегиряду … .............................................................24
Бозии пиндорро ҳам бохтам ..............................................25
Биё, фасли баҳори эътибор аст ..........................................27
Қасд.............................................................................28
Шукр ............................................................................30
Бар ду қибла рӯй овардан чаро? .........................................32
Бурун рафтам... ..............................................................35
Бозӣ .............................................................................36
Таровиш........................................................................37
Хабар ...........................................................................39
Паймоне ба паймона.........................................................41
Танз .............................................................................42
Имтиҳон........................................................................44
Чашм кушо, лутфу вафоро бубин .........................................46
Дар андеша гули мақсуд рӯид .............................................47
Ор ................................................................................49
Моҷаро .........................................................................50
Роз ...............................................................................51
Маҳрумӣ .......................................................................53



*бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дороӣ ........................................................ 54
Сабр ........................................................ 54
На ин лутфе бувад моро ........................................................ 56
Дафтарам боз нашуд ........................................................ 57
Баҳои бебаҳо ........................................................ 59
Хандаи дард ........................................................ 60
Чорагарӣ ........................................................ 60
Рубоиҳо ........................................................ 61
Дурӣ ........................................................ 71
Фарёд ........................................................ 71
Ҳушдор ........................................................ 72
Изҳор ........................................................ 73
Тақдим ........................................................ 73
Талош ........................................................ 74
Суд ........................................................ 75
Баҳоргуна ........................................................ 76
Гиря ........................................................ 77
Тавба *(манзума)* ........................................................ 78

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**АБДУЛҚОДИРИ РАҲИМ**

# ДОМОНИ АБР

*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 24.06.2014 супурда шуд.
Чопаш 26.06.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 8. Андозаи 60x84 $^1/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ЧДММ «Ҳотамиён» чоп шудааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед